**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМЊУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӣ**

**ФАКУЛТЕТИ ПЕДАГОГИКА**
**КАФЕДРАИ МЕТОДИКА ВА ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

# РИСОЛАИ ХАТМ

**Мавзӯъ:** Таълими савод ва нақши он дар инкишофи нутқи талабагони синфи 1

Донишҷӯи курси 4 - уми
факултети педагогика, ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ
Муродов Комилҷон Маҷидович

Роҳбари илмӣ:дотсент
Ѓаффоров Абдушукур Одинашоевич

**ДУШАНБЕ – 2015**

**Мундарича**

**Муқаддима**………………………………………………………………..саҳ.3-13

**Боби 1. Ањамияти нутқиталабагондар давраи таълими савод**

§1.1. Асосҳои педагогӣ ва заминаҳои методии инкишофи нутқ………..………………………………………………………………саҳ.14 -22

§1.2.Нутқ ва хусусиятҳои он дар давраи таълими савод …..…..саҳ.22-27

§1.3.Мавқеитаълими саводдарбарномаитаълимии синфҳоиибтидоӣ.Таҳлилибарномаитаълимиисинфҳои ибтидоӣ………………….. саҳ.27-34

**Боби 2.Нақш ва мавқеи давраи таълими саводдаринкишофи нутқи талабагон**

§2.1. Давраи таълимисаводва роҳҳои инкишофи нутқдарон….саҳ.35-47

§2.2 Нутқи алоқанок - ҷавњари асосии саводомӯзӣ……………….саҳ.47-58

§2.3. Озмоиши педагогӣ……………………………………………..саҳ.58-60

**Хулоса**……………………………………...……………………….. ..саҳ.61-63

**Фехристи адабиёт** ………………………...……………………… ...саҳ.64-66

## Муқаддима

«Мо борҳо таъкид намудаем, ки донистани забони миллӣ далели эҳтиром ба миллат, арзишҳои миллӣ ва таърихию фарҳангии хеш аст. Мо забони миллиро дар баробари модар ва Ватан аз муқаддасоти олӣ эътироф намуда, ин андешаробо як ифтихори бузург аз миллати соҳибтамаддуни хешдар зеҳни наслҳо низ парвариш медиҳем».

(Эмомалӣ Раҳмон)

Яке аз принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилотӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки шакли алтернативии технологияи нави таҳсилотро коркард намуд, то хонанда имконияти ба муассисаи таҳсилотии талаботи ӯро қонеъкунанда шомил гардида, дар ташаккули қобилияти эҷодии худ сайъу кӯшиш намояд.

Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат, ки баъд аз садсолаҳои зиёди ҷонбозиҳо ва заҳмати басо сангину азму талошҳои пайвастаи мардуми озодихоҳи мо ба даст омад, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ ва дар айни замон басо пурифтихор, яъне бунёди давлати навини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосири тоҷиконро гузошт.

Омӯзиш ва тадриси забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ басо бузург ва аввалиндараҷа буда, тавассути он муаллими кӯшиш мекунад, ки шогирдон атрофи саводомӯзӣ, тозанависӣ, хониши эзоҳӣ, грамматика, имло ва инкишофи нутқ, дар хусуси луғат, савтиёт маълумот пайдо намоянд. Омӯзиши забони модарӣ имкон медиҳад талабагон донишҳои нав пайдо намуда, маҳорати баён ё ифодаи фикри худро ташаккул диҳанд. Бад-ин ҷиҳат забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун фанни асосӣ дар

ташаккул додани ҷаҳонбинии шогирдон ва бою ғанӣ гардонидани захираи луғавии онҳо мавқеи хоса дорад.

Дар замони муосир, ки давраи инкишофи илму техника ва муҳити итилоотист, нақши таълиму тарбия дар ислоҳи фард ва пешрафти ҷомеа чунон бузург аст, ки ягон давлати абарқудратро дар ҷаҳон наметавон ёфт, ки бе истифода аз он тавониста бошад ба марҳилаҳои рушду инкишоф ва бахусус, дар ҳалли масъалаҳои мушкилоти иҷтимоию сиёсии худ даст ёфта бошад. Бинобар ин таваҷҷӯҳ ба тафовутҳои фардӣ ва кашфи истеъдодҳо дар хонандагони мактаб яке аз корҳои муҳимест, ки мебоист ба воситаи сохторҳои дахлдор дар дараҷаи аввал аз тарафи оилаву мактаб ба сомон расонида шавад. Агар хонанда дар давраи кӯдакӣ  дар хона таваҷҷӯҳи лозимии рӯҳиву ҷисмониро гирифта бошад, пас ҳангоми ба мактаб ворид шудан, ба хубӣ метавонад фанҳои таълимиро аз худ кунад. Бинобар ин имрӯз барномаҳои нави таълимӣ дар назди муаллимон, хусусан муаллимони синфҳои ибтидоӣ, вазифаҳои муҳим мегузоранд.

Вазифаи асосии ҳар як омӯзгор ба хонандагон додани маҷмӯи муайяни донишҳо набуда, балки дар онҳо бедор намудани шавқу ҳавас доир ба омӯзиш, ташаккул додани қобилияти фикрронӣ, яъне инкишофи нутқи хонандагон аст. Инкишоф додани нутқи хонандагон якеаз проблемаҳои муҳими давр аст. Дар ҳар як дарс, ба маврид истифода бурдани маводҳои таълимӣ барои инкишофи нутқи хонандагон заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳар омӯзгор бояд кӯшиш намояд то дараҷаи дониш ва нутқи талабагонаш ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад. Барои ба мақсад расидан ҳар як омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки дар муҳити синф шароитҳои мусоид фароҳам оварад ва насли ояндаро беҳтар таълиму тарбия дода ба камол бирасонад. Талабагон бояд аз шароитҳои наву мусоиди таҳсил дар мактабҳо мувофиқи талаботи ботинии худ ба таври озод ва васеъ истифода баранд, ки ин боиси баланд шудани сифати таълим ва инкишофи нутқи мактаббачагон мегардад.

Дар барномаи таълимӣ ишора ёфтааст: «Забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ фанни умумӣ, тому яклухт буда, қисмҳои саводомӯзӣ ва инкишофи нутқ, хониш ва инкишофи нутқ, грамматика, имло ва инкишофи нутқ, ҳамчунин машқи хатро фаро мегирад. Ба ин маънӣ, инкишофи нутқ асоси омӯзиши забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ ташкил медиҳад»[1]. Аз ҳамин хотир, байни ин қисмҳо ҷудоӣ нагузошта, таълими пайваста ё ҳамгирои онҳоро ҷорӣ намудем. Ин чунин маъно дорад, ки дар ҳар як дарси забони модарӣ, дарсҳо хоҳ тоқанд ё ҷуфт, хоҳ бо номи хониш мегузаранд, ё грамматика ва имло, ҳамаи унсурҳо (хониш, грамматикаю имло, хат, инкишофи нутқ) мавҷуданд. Яъне мо ба талабагон забон меомӯзонем, на қисмҳои алоҳидаи онро.

Нутқ калимаи арабӣ буда, қобилияти гап задан, гуфтор мебошад. Нутқ алоқаи забонӣ, яке аз намудҳои робитаи байни одамон аст. Нутқ ҳамчун воситаи мутобиққунии фаъолияти якҷоя дар коллектив ба вуҷуд омадааст.

Мардум бояд кӯшиш намоянд, ки забони модарии худро беҳтар донанд, ҳамеша бо омӯхтану такмили он бикӯшанд, то хуб бишиносанд ва ба сӯи маърифат, маънавиёт ва тараққиёти ҳаёти ҷамъият раҳсипор гарданд. Дар ҳар давру замон хизмати забони адабӣ чунин будааст ва тақозои бозсозиҳои ҷомеаи имрӯзаи мо низ ҳамин аст.

Барои ин ки забономӯзӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯза, дар муносибати ҷамъиятӣ зарур аст, мо бояд саъй намоем, ки мавзӯи баҳси илми забон ва ҳусни баёни усулҳои таълими услубшиносӣ дар мактаб ташкил дода шавад. Аз ҳамин сабаб дар ин рисолаи дипломӣ, ки таълиф шудааст, масъалаҳои назариявии нутқро пайваста ба вазифаҳои амалии он шарҳ додем.

Барои ин ки нутқи бурро фаҳмо талаффуз шавад, овозҳои калима пурра ва равшан шунида шаванд, задаи калима барҷо ва оҳанги гуфтор ба мақсади мурод мусоидат кунад. Илова бар ин, талаффузи овозҳои таркиби

[1]Барномаи синфҳои ибтидої. – Душанбе: 2012.10с.

калима ҷои зада аз рӯи мароми забони адабии њозираи тоҷик воќеъ мегардад. Сухани балеѓ суханест, ки на танњо беѓалат бошад, балки матлабро сањењ ифода кунад. Фасоњат ва дақиқбаёнкунӣ, пеш аз њама, ба интихоби воњидњои луѓавии забон, ба равшании маънои калима вобаста аст.

Инкишофи нутқи талабагон асоси таълими забони модариро дар синфњои ибтидоӣ ташкил менамояд, ки дар назди он вазифањои «ба таври амалӣ аз худ кардани меъёри забони адабӣ, малакаи хондану навиштан ва такмили маданияти нутқ меистад».

**Гузориши масъала:**

-Тањлили назарияи проблема дар асоси омӯхтани адабиётњои педагогию психологӣ, илмӣ – методӣ ва илмӣ – оммавӣ.

- Омӯзиш ва мақсади ҷараёни таълим: мушоњида, сућбат бо хонандагон, омӯхтани корњои хонандагон, сућбат бо муаллимони синфњои ибтидоӣ.

- Омӯзиши зина ба зина мураккаб гардидани инкишофи нутқи мураттаб дар синфњои ибтидоӣ.

- Гузаронидани озмоиши педагогӣ дар мактаб ва тањлили натиҷаи он.

**Муњимияти тадқиқот:**Дар ҳақиқат мақсади асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ-инкишофи нутқи гуфторӣ ва навиштории талабагон аст.

К. Д. Ушинский қайд карда буд: «Дар мактабҳои мо ба машқҳои нутқи даҳонии бачаҳо хело кам аҳамият медиҳанд.... Бачаҳо ё хомӯш мешаванд ё дарси гузаштаро нақл мекунанд ё ин ки ба саволҳо канда-канда ва беалоқа ҷавоб медиҳанд»[2]!

Ин сухонони К. Д. Ушинскийро, мутаассифона дар таҷрибаи як қатор муаллимони мактабҳои мо ҳам нисбатан дидан мумкин аст, чунки онҳо бештар ба он диққат медиҳанд, ки хонандагон фақат ҷавоби пурра додан ва нақлкунии чизи хондагиашонро донанд бас. Барои инкишофи ҳаматарафаи

[2]Ушинский К.Д. Избранные педгогические сочинения. - М.,1954.-Т.2.с.436.

нутқи хонандагон фақат ба ҳамин тарзи кор маҳдуд шудан нодуруст аст. Ба фикри мо дар вақти ба талабагон таълим додани забони модарӣ вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки захираи луғавии талабагонро муттасил афзун гардонда, нутқи онҳоро такмилу ташаккул диҳад.

Олимон таҳқиқ кардаанд, ки аз ҷиҳати педагогию равонӣ омӯхтан ва донистани забони модарӣ барои инкишофи умумии кӯдак, ташаккули шахсияти ӯ дар оянда аҳамияти бағоят калон дорад. Чунончи: «Инкишофи нутқи кӯдакон, омӯхтани боигарии забони модарӣяке аз унсурҳои асосии ташаккули шахсият ба ҳисоб рафта, барои фарогирии ғановати арзишҳои маънавии миллию умумибашарӣ, ки бо инкишофи фикрӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ алоқаманд аст, аҳамияти бузург дорад»[3].

Нутқи равон аз олами таффаккур ҷудонашаванда аст: равонии нутқ ин равонии фикр мебошад.

Ду намуди асосии нутқи шифоњӣ маълум аст – диалогӣ (гуфтугӯи ду ё зиёда кас) ва монологӣ (гуфтугӯи худ ба худ, яъне  гуфтори як одам). Њар яки он хусусиятњои  худро дорост.

Шакли нутқи шифоњии диалогӣ ба таври гузориши саволу ҷавоб сурат мегирад, ки он ҷавоби нопурра ва кӯтоњро талаб мекунад. Ҷумлаи нопурра, оњангнокии талаффузи бурро ва таъсирбахш, қиёфа ҷињатњои махсуси нутқи диалогист. Барои нутқи диалогӣ бахусус мањорати додани савол, мувофиқи он шунидани ҷавоб ваислоњ кардани нутқи њамсӯњбат зарур  аст.

Нутқи шифоњии монологӣ ин нақли муфассал, пурра ва мунтазам мебошад. Бинобар ин аз гӯянда талаб карда мешавад, ки ӯ ба мазмун ва мукаммалии нутқи дањонӣ эътибор дињад. Аз ин ҷињат,  нигоњ доштани возењӣ ва табиӣ будани нутқ бисёр муњим аст.

Мусаллам аст, ки қисматњои асосии нутқи моро овоз ва њарфњо, калима, ибора, ҷумла ва пайвастшавии ҷумлањо (нутқи алоқанок) ташкил

[3]Икромова Ф., Галенкина К. Т.Дарсњои хониш ва инкишофи  нутќ дар синфи 1. - Д: 1971.с.32.

диҳанд. Методикаи забони модарӣ ҳамаи ҷанбаҳои забонро бо назардошти мундариҷаи таълим дар бар мегирад. Дар нутқи шифоҳӣ ба монанди нутқи хаттӣ ба меъёрҳои муайяни забони адабӣ риоя мекунем. Мушоҳидаи солҳои охир нишон медиҳад, ки доир ба инкишофи нутқи гуфторию навишторӣ хусусан дар мактабҳое, ки мо бо ҳамкурсонамон таҷрибаи педагогӣ мегузаронем, муаллимони синфҳои ибтидоӣва таҷрибаомӯзон ҳаракат мекунанд, ки дар кори амалии худ усулҳои гуногуни фаъоли таълимро эҷодкорона истифода баранд ва ин тарзи кор дарсҳои забони модариро хело завқовар мекунад. Масалан: ба саволҳои муаллим ҷавобҳои пурра додан, ёфтани ҷавобҳои чистонҳо, нақл кардани матни хондашуда, ҳикояи хонандагон дар бораи одамони наздикашон, бо сухан тасвир намудани мазмуни суратҳо (сураткашии каломӣ), нақли эҷодии гуфторию навишторӣва ғайраҳо, ки дар дарсҳои давраи таълими савод хос аст.Бой намудани захираи луғавӣ ва нутқи кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳими давраи таълими савод буда, барои ба ҳаёти оянда тайёр намудани кӯдакон замина мебошад. Зеро кӯдаки нутқаш инкишофёфта дар мактаб суханони муаллимро бедушворӣ мефаҳмад, ба саволҳои ӯ ҷавоб дода метавонад, ки ин барои дар мактаб бомуваффақият таҳсил намудани вай ёрӣ мерасонад.

Маълум аст, ки забон аз ҷумлаҳо, ҷумлаҳо аз калимаҳо иборат аст. Аз ин сабаб калимаҳо захираи луғавии забонро ташкил медиҳанд, чи қадаре захираи луғавии мо бой бошад ҳамон қадар нутқи мо равон, пурмазмун ва таъсирнок мебарояд. Чи тавре, ки дар боло гуфта гузаштем, бой намудани захираи луғавӣ яке аз асосҳои инкишофи нутқро ташкил медиҳад. Захираи луғавии кӯдакон чӣ дар дарсҳои доимии забони модарӣ ва чӣ дар дарсу машғулиятҳои дигар бой карда мешавад.

Зинаи ибтидоии таълим давраи бағоят муҳиму масъулиятноки ташаккули шахсияти кӯдакон маҳсуб мешавад. Кӯдак дар ин марҳила пеш аз ҳама бояд кунҷковӣ, ҳисси таваҷҷӯҳ ба муҳити атроф ва ҳаёти иҷтимоиро доро бошад.

Дар дарсҳои забони модарӣба инкишофи нутқи талабагон бештар китоб ёрӣ мерасонад. Хонандагон машқҳои китобҳои дарсии забони модарӣ ва матнҳои хонишу «Алифбо»-ро хонда, аз расмњои он истифодабурда, ба саволҳои муаллим ҷавоби пурра дода, дуруст сохтани ҷумлаҳоро ёд мегиранд.

Њар як таърифу қоидаи дар асоси чанд мисоли махсус интихобшуда танњо нишонаи аз ҷињати назариявӣ забондон будани хонандагонро далолат мекунаду бас. Чунки забондонӣ мањдуд ва соњавӣ буда, танњо дар мавридњои зарурӣ дар синфу аудиторияњои гуногун барои ҷавоб додан ба саволу супоришњое, ки марбут ба масъалањои гуногуни грамматика (њамчунин доир ба фонетика, лексика, орфография, аломатњои китобат ва ѓ.) аз тарафи муаллим ё худ фардњои дигар дода мешаванд, лозим аст. Аз ин лињоз, зарур аст, ки дар хонандагон нутқи шифоњиву хаттии њаматарафа инкишоф ёфта тарбия карда шавад. Яъне онњо њангоми муошират бо њамаи ашхоси касбу корашон гуногун мувофиқи меъёрњои забони адабии њозираи тоҷик муттасилу пайдарпай, фањмову сањењ, ифоданок ё худ буррову нишонрас гуфтугў карда тавонанд, тарзи баёнашон дар нутқи хаттӣ низ дар заминаи талаботи меъёрњои забони адабӣ, вале бо риояи қоидањои қабулшудаи имлову мавридњои маъмули истифодаи аломатњои китобат сурат гирифта бошад. Барои њамин њам, мавзўъњои дарси инкишофи нутқро на баррасии таърифу қоидањо аз тарафи муаллим ва ё аз тарафи хонандагон пурсидани масалан, таърифи њиссањои нутқу аъзоњои ҷумла ва ё қоидањои имлову аломатњои китобат ва ѓайра ташкил медињанд, балки онњо масъалањои ба кору фаъолияти касбию њунарии одамон, тасвири воқеаю њодисањои табиат, њаёти олами њайвоноту наботот алоқамандро фаро мегирад. Аз ин рў, дарсњои инкишофи нутқ аз рўи мазмуну мундариҷаашон доир ба њамаи услубњои зерини забони адабӣ – гуфтугўӣ, оммавӣ (публитсистӣ) ва коргузорӣ (ё худ услуби коѓазњои кор) таъсис дода мешаванд, ки ин яке аз талаботњои фасли «Инкишофи нутқ»-и барномаи нави забони тоҷикӣ мансуб меёбад.Инак, нуқтаҳои фавқ муҳимию мубрамии

интихоби ин мавзӯъро собит мекунанд. Аз ин рӯ, мо ба ин мавзӯъ даст зада, онро мавриди таҳқиқот интихоб намудем. Дар ин ҷода, қабл аз ҳама, бакитоби «Алифбо» ва давраи таълими савод муроҷиат намудем, зеро:

а) китоби «Алифбо»бо соддаю равонии забон ва тарзи баён беҳтарин маводи таълимиест барои инкишофи нутқи кӯдакон;

б) кор аз рӯи расмҳо, суратҳо сарчашмаи муҳими инкишофи нутқи кӯдакон ба ҳисоб меравананд;

в) хониши бадеӣ, афсонаҳо, суруди бачагона,ҳикояҳо, латифаҳо, зарбулмасалҳо, чистонҳо, ба бачаҳо, хусусан, кӯдакони 7-8 сола мақбул аст ва истифода аз онҳо боиси инкишофи нутқи талабагон мегардад;

г)захираи бои забон дар адабиёти бадеӣ, ки сарчашмаи инкишофи нутқи навомӯзон аст.

**Мақсади тадқиқот:**

**-** омӯхтан ва муайян карданиаҳамияти таълимӣ ва тарбиявии дарсҳои давраи таълими савод дар инкишофи нутқи талабагони синфи якум;

- истифодаи роҳу усулҳои асосноккунии ташаккули шавқу ҳавас, ташаккули қобилияти фикрию эҷодӣ ва нутқи талабагони синфи якум;

- муайян намудани дараҷаи инкишофи нутқи талабагони синфи 1;

- дар талабагон ташаккул додани инкишофи нутқ гуфтугӯи мустақилонаи талабагон бояд зоҳир гардад.

**Объекти тадқиқот:** раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Предмети тадқиқот:** Инкишофи нутқи талабагони синфи якум дар давраи таълими савод.

**Фарзия:**Нутқи талабагони синфи якум дар давраи таълими саводҳамон вақт самаранок мешавад, агар:

-ба тарзи ташкилу гузаронидани дарсҳои давраи таълими савод эътибори ҷиддӣ дода шавад;

- дар ҳар дарси забони модарӣ нутқи гуфторӣ, навишторӣ ва ботинии талабагон баробар инкишоф дода шавад;

- машѓулиятњоро бо истифода аз хониши асарњои бадей̣, ташкил карда шавад, ки бо завқу шавқи хонандагонисинфи 1 мусоидат намояд;

- ташкили нақли шифоњии ин ё он мавзўъ мавриди баррасӣқарор дода шавад;

- вобаста ба синну соли хонандагон инкишофи нутқи дањонӣ ва хаттии  хонандагонро вобаста ба қобилияти дарккунии онњо мувофиқ карда шуда, хусусияту инкишофњои гуногуни талабагон ба њисоб гирифта шавад.

**Навгониҳо:**

- дар ҷараёни таълими савод рољу усул, моњият ва хусусиятњои нутқ, тарзи ташкил намудани он асоснок карда шуд;

- методикаи ташкил ва гузаронидани   дарсњои давраи таълими савод њамчун воситаи фаъолгардонии талабагон ошкор гардид.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ:**

Дар ҷумҳурии мо як гурух олимон-тадқиқотчиёнМ.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев, Ф. Икромова, Б.Боев, Р.Давлатова, Б.Боронов ва дигарон оид ба масъалаи инкишофи нутқи хонандагон ва роҳҳои инкишофи он дар давраи таълими савод андешаҳои илман асоснокро пешниҳод намудаанд.Чунки дар илми муосир масъалаи инкишофи нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ марбут ба таълими забони модарӣҳаматарафа омӯхта шуда истодааст. Дар ин бобат як зумра таҳқиқотҳо, аз ҷумла, ташаккули нутқи образнок, азхудкунии ҷиҳатҳои овозии нутқ, кор бо калимаҳои гуногунмаъно,инкишофи тарафҳои синтаксисии нутқ, фаҳмидани тобишҳои маъноии калимаҳо, азхудкунии воситаҳои калимасозӣ, инкишофи нутқ ва ғайраҳо мавриди баррасӣқарор ёфтаанд. Инчунин оид ба инъикосу тавзеҳи масъалаи инкишофи нутқи кӯдак ва мақоми омӯзиши забони модарӣ басо ғанӣ буда, дар ин бобат таҳқиқоти зиёде бурда шудааст: К.Д.Ушинский,Е.И.Тихеева, Е.А.Флерина, А.Н.Гвоздёв, А.М.Леушина, О.И.Соловева,

А.П.Усова,А.А.Пеневская,М.М.Конина,Н.С.Кариинская,Г.М,Лямина,Ф.А.Сохин,0.С.Ушакова, Т.А.Ладиженская, М.Р.Львов,Я. А. Коменский,

Н.С.Рождественский ва дигарон. Равоншиносон ва забоншиносони дигар низ доир ба ин мавзӯъ ибрози ақида намудаанд, ки мо дар поён доир ба фикру ақидаи онњо гуфта мегузарем.

Ман ин мавзӯъҳоро омӯхта, саҳми давраи таълими савод, суњбат, расму тасвирњо, эҷодиёти даҳонакии халқ, хусусан, тезгӯякњо, зарбулмасалу мақол, чистон, афсона, бозињои дидактикиродар инкишофи нутқиталабагон дида баромадам.

**Методҳои тадқиқот:**

1. Тањлили назарияи проблема дар асоси омӯхтани адабиётњои педагогию психологӣ, илмӣ – методӣ ва илмӣ – оммавӣ.

2. Омӯзиш ва мақсади ҷараёни таълим: мушоњида, суњбат бо хонандагон, омӯхтани корњои хонандагон, суњбат бо муаллимони синфњои ибтидоӣ.

3. Омӯзиши зина ба зина ташаккул додани нутқи талабагон дар дарсҳои таълими савод.

4. Гузаронидани озмоиши хонандагон дар мактаб ва тањлили натиҷаи он.

**Вазифаҳои тадқиқот:**

Барои мувофиқи матлаб будани рисолаи мазкур иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста шуд:

-омӯзиши вазъи дарсҳои таълими савод оид ба инкишофи нутқи талабагони синфҳои ибтидоӣ;

-таҳлили сатҳи инкишофи нутқи талабагони синфҳои якум;

-кор карда баромадани методикаи инкишофи нутқи талабагони синфи якум (системаи машқҳо ва супоришҳо) дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ;

-дар асоси системаи коркарди методӣ ва озмоиш пешниҳоди маводи таълимию методӣ оид ба инкишофи нутқ дар давраи таълими савод.

**Сохтори рисола:** рисола аз муқаддима, ду боб, озмоиши педагогӣ, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар боби якум «Аҳамияти нутқи талабагон дар давраи таълими савод»баррасӣ гардидааст.Дар ин боб тавассути омӯзиши давраи таълими савод ва роҳҳои гуногуни инкишофи нутқи мактаббачагони хурдсол малакаю маҳорати фикррони, беғалатхонӣ, тозанависӣвабеғалатнависӣ, мақсаднокӣ, устуворӣ, эҷодкорӣ, мустақилӣ, меҳнатдӯстӣ, интизом ва тафаккурро ташаккул додан шарҳ дода шудааст.

Дар боби дуюм «Нақш ва мавқеи давраи таълими савод дар инкишофи нутқи талабагон» ҳамчун воситаи таълиму тарбиявии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, асоснок карда шудааст.

Нуқтаҳои асосии рисола ва тавсияҳои методӣ дар озмоиши педагогӣ (гимназияи №53, ноҳияи Исмоили Сомонӣ) дар давраи таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ва баъд аз дарсҳо дар басти дуюм санҷида шудааст. Аз натиҷаи рисолаи дипломӣ дар суратҷаласаи кафедраи методика ва таҳсилоти ибтидоӣ ахборот дода шудааст.

## Боби 1. Аҳамияти нутқиталабагондар давраи таълими савод

### §1.1. Асосҳои педагогӣ ва заминаҳои методии инкишофи нутқ

Тазаккур мебояд, ки баробари ба низоми муайян даромадани афкори педагогӣ олимони алоҳида ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас ва роҳҳои инкишоф додани нутқи онҳо бештар машғул шуданд. Бахусус, марбут ба инкишофи нутқи кӯдакон педагогӣ чех Ян Амос Коменский, ки ӯро падари педагогикаи илмӣ меноманд, диққати махсус додааст. Ян Амос Коменский, ки «кӯдаконро арзандатарин ҳадяи худованд меҳисобид», дар

назди тарбия се мақсади асосиро мегузошт: 1) эътиқод, тақводорӣ ва порсоӣ; 2) ахлоқи ҳамида; 3) донистани забонҳо ва илму дониш.

Коменский мегӯяд, ки ба инсон аз табиат шуур ва нутқ дода шудааст ва ӯ бо ҳамин хусусиятҳояш аз ҳайвон фарқ мекунад. Аз ин рӯ, зарурат пеш меояд, ки шуур ва нутқи инсонро бояд инкишоф диҳем. Боиси тазаккур аст, ки ӯ талаботи худро оид ба ташаккули нутқ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон равона кардааст. Дар иртибот ба чунин таъкидҳо, Коменский ҳамчунин, истифода бурдани адабиёти бадеӣ (шеър, ҳикоя, достонҳо, афсонаҳо дар бораи ҳайвонҳо), истифодаи аёният, пайдарҳамӣ ва дараҷаи мураккабшавии маводи таълимиро тавсия намудааст. Ба фикри ӯ, инкишофи нутқ аз дуруст ва аниқ номбар кардани ашё оғоз меёбад ва дар ин бобат аёният маводи боэътимод маҳсуб меёбад.

Ғояҳои педагогии асарҳои педагоги швейтсарӣ Иоган Генрих Песталотси (1746-1827) аз лиҳози фарогирии мазмуни таълим ва пешниҳодоти методӣба ақидаҳои Коменский наздикӣ доранд. Аз ҷумла, ӯ маънои иҷтимоӣ, маданӣ ва умумипедагогии забони модариро ин тавр шарҳ додаст: «Забон дар як муддати кӯтоҳ ба кӯдак он чизеро медиҳад, ки инсон ӯро аз табиат дар давоми ҳазорсолаҳо ба даст овардааст»[4].

Дар омӯзиши забони модарӣӯ се вазифаи асосиро пешниҳод намудааст:

1. Омӯзиши тарзи талаффузи овоз ё ин ки инкишоф додани органҳои овозии нутқ.
2. Омӯзиши калима ё ин ки воситаҳои шиносоӣ бо ашёи алоҳида.
3. Омӯзиши нутқ ё ин ки воситаҳои ёд гирифтану аниқ номбар кардани ашё.[5]

Бояд таъкид намуд, ки чунин ғояҳои баланд ва андешаҳои амиқи ин ду педагоги барҷаста - Коменский ва Песталотси оид ба омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи нутқи талабагон минбаъд дар кор карда баромадани

---

[4] Песталоцци И. Г. Книга для матерей. Педагогика детства,Москва.1999.с.47.
[5] Песталоцци И. Г. Книга для матерей. Педагогика детства,Москва.1999.с.215.

методикаи инкишофи нутқ ва омӯзиши забони модарӣ дар муассисаҳои таълимӣ заминаи хуби илмию амалӣ гаштаанд.

Олим ва педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский низ дар ин самт хизмати шоистае ба анҷом расонидааст. Ӯ каломи модарро «мактаби бузурги тарбия» номида, ҳамеша кӯшиш ба харҷ додаст, ки фарзандон аз хурди ба ин мактаб фаро гирифта шаванд. Дар ин маврид чунин қайд намудаанд: «Дар кӯдак бояд аввал нутқи шифоҳӣ ташаккул ёбад, то ки минбаъд барои нутқи хаттии он ҳамчун таҳкурсӣ хизмат кунад, ки маҳз дар ин замина ба онҳо грамматика таълим дода мешавад. Чаро омӯзиши грамматика ва имло аз талабагон тафаккури ташаккулёфта ва маҳорати баён намудани фикрро тақозо менамояд»[6].

«Ҷараёни инкишофи нутқ ва омӯзиши забони модарӣба њам тавъаманд, чунки забони модариро аз худ намуда талаба на танҳо калимаро, балки мафҳумҳои зиёд, андеша, ҳиссиёт, (фанҳои адабӣ, мантиқ ва фалсафаи забонро аз худ кунад ва - «дар давоми ду-се сол бе ягон мушкилӣ он қадар донише аз худ мекунад, ки ҳадди аққали онродар давоми бист соли дигари омӯзиши боғайратона аз худ карда наметавонад. Чунин аст педагогикаи машҳури халқ каломи модарӣ»[7].

Паҳлуҳои гуногуни методикаи инкишофи нутқ аз лиҳози илмӣ дар асарҳои К.Д.Ушинский таҳлил карда шудаанд. Ба фикри ӯ кӯдак бояд дарк кунад, ки соҳиб будан бақобилияти сухан рондан чӣ маъно дорад. «Манмефаҳмам, ки ба ман мегӯянд, ман фикри худ ва хоҳиши худро ба воситаи сухан тарзе баён карда метавонам, ки ба дигарон фаҳмо бошад - пас ман қобилияти сухан кардан дорам»[8].

Маълум аст, ки барои муносибат бо одамони гирдуатроф, барои баёни ҳиссиётҳои ҷамъшуда ва афкори худ хонандагони синфҳои ибтидоӣба захираи луғавӣ ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, ҳарчанд, ки дар хонандагони

---

[6] Ушинский К.Д. Избранные педгогические сочинения. - М.,1954.-Т.2.с.237.
[7]Ушинский К.Д. Избранные педгогические сочинения. - М.,1954.-Т.2.с.238.
[8]Ушинский К.Д. Мышление и речь /Полн.собрсоч. в 11т. - М.;Л.; 1950. Т.10.

синфҳои ибтидоӣ як миқдор захираи луғат вуҷуд дорад, аммо на ҳама вақт аз он истифода бурда метавонанд. Аз ин лиҳоз, К.Д.Ушинский дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ инкишоф додани қобилияти ба воситаи сухан баён намудани ҳолат ва ҳиссиёти худро яке аз вазифаҳои асосии тарбия мешуморид. Ӯ чунин меҳисобид, ки фақат дар он ҳолат кӯдак «фикри шахсии худро» баён карда метавонад, ки агар ӯ «қобилияти сухан рондан»-ро дошта бошад». Дар баробари ин, захираи калимаҳои фарогирифта ба талаба имкон медиҳад, ки таҷрибаи бои авлоди гузаштагонро аз худ намуда, асосҳои нутқи даҳонӣ ва хаттиро ба даст орад ва ба ин васила инкишофи нутқи хешро таъмин созад.

Масъалаи инкишофи нутқ дар ҷанбаҳои дигар, ҳамчунин аз ҷониби равоншиносон, забоншиносон, педагогҳо (Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн, А.В.Запорожетс, Д.Б.Элконин, А.А.Леонтев, Ч.А.Зимняя, А.М.Шахнарович, Н.И.Жинкин, А.М.Леушина, Н.Н.Поддяков, Т.А.Ладиженская ва диг.) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар таҳқиқотҳо асоси методикаи инкишофи нутқи мураттаб гузошта шуда, намудҳои нақл, усулҳои таълим муайян гардидаанд.

Дар кор карда баромадани роҳҳои баҳо додан ба нутқи шифоҳии талабагон ақидаҳои равоншинос Н.Н.Поддяков ҷолиб мебошанд. Ӯ чунин меҳисобад, ки барои дарки асари бадеӣҳар як талаба фаҳмиши худро зоҳир намуда, ахбори аз он гирифташударо ба таҷрибаи шахсии худ зам мекунад. Таассуроти пайдошуда аз дарки асари бадеӣ дар нақли шифоҳии мустақилонаи ҳар як талаба мақоми ба худ хосро пайдо мекунад. Бинобар ин, мавриди баҳо додан ба нутқи шифоҳӣ бояд ҳатман хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак ба ҳисоб гирифта шавад.

Оид ба инъикосу тавзеҳи масъалаи инкишофи нутқи кӯдак ва мақоми омӯзиши забони модарӣ басо ғанӣ буда, дар ин бобат таҳқиқоти зиёде бурда шудааст: Е.И.Тихеева, Е.А.Флерина, А.Н.Гвоздёв, А.М.Леушина, О.И.Соловева, А.П.Усова, Р.И.Жуковская, А.А.Пеневская,М.М.Конина,Н.С.Кариинская,Г.М,Лямина,Ф.А.Сохин,0.С.Уш

акова, Т.А.Ладиженская, М.Р.Лвов, Н.С.Рождественский ва дигарон. Инкишофи нутқи даҳонӣҳангоми кӯдакӣяке аз равандҳои асосии инкишофи инсон ба ҳисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва беҳтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи ҳаёт маҳсуб меёбад. Танҳо шахси нутқаш инкишофёфта фикрро пурмазмун, пайдарҳам ва равшану аниқ ифода намуда, симои маданию маънавии худро дар назди дигарон зоҳир менамояд. Кӯдак чун дигар ашхоси ҷомеа дар муҳити инсонӣ зиндагӣ мекунад, таҷрибаи ҳосилкардаи ҷомеаи инсониро қабул мекунад ва бо ҳамин восита пеш меравад.

Образнокӣ ва ифоданокии сухани талабагонасосан, дар нутқи онҳо зоҳир мегардад. Дар натиҷаи шунидан ва нақл кардан кӯдакон нутқи ифоданоку пурмазмунро ёд мегиранд. Вобаста ба синну солиталабагон дуруст интихоб намудани маводи омӯзишвоситаи асосии инкишофи нутқи онҳо донистамешавад. Ин нуқтароРедозубов С.П.дар асараш«Методика русского языка в начальной школе»чунин гуфтааст: Яке аз чунин маводи омӯзиш асарҳои адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ- афсона, ҳикоя, шеър, чистон, зарбулмасалу мақол, тезгӯякҳо ба шумор мераванд. Маҳз дар зинаи аввал-синни хурди мактабӣ, ки таҳкурсии инкишофи шахсият гузошта мешавад, шуури кӯдакинкишофмеёбад, тасаввуротиӯдарбораимуҳитбоюрангингардида, захираилуғавиашбосуръатафзуданмегирад, истифодаиасарҳоиномбурдашудааҳамиятимахсусрокасбмекунанд»[9].

Муҳите ки ӯро иҳота кардааст, аз ашё, ҳодиса ва воқеаҳои гуногун иборат аст, ки он ҳамеша дар шуур дар шакли калимаю таркибҳо инъикос меёбанд. Нутқҳамчун воситаи фаҳмида гирифтани ҳамин воқеият ва ҳақиқати олами атроф аз кӯдак инкишофи муайяни ақлиро талаб мекунад. Истифодаи калимаҳои ҷудогона на танҳо асоси дониши мушаххас дар бораи ашё, ҳодиса ва воқеаҳои ҷудогона, балки воситаи дарк карда тавонистану

[9]Редозубов С.П. Методика русского языка в начальной школе - Москва, Учпедгиз, 1955.-261с.

фаҳмидани алоқаи мавҷудаи байни ашёи ҳамин муҳит дониста мешавад. Аз ин рӯ, кӯдак баробари дидан, мушоҳида намудан ва омӯхтан доираи муайяни калимаҳоро, ки тадриҷан зиёд ва фаъол шудан мегиранд, ба нутқи худ ворид кардан мегирад.

Аммо дар гуфтаҳои фавқ аслан сухан на дар бораи зиёд намудани миқдори калимаҳо, балки дар хусуси истифодаи мақсаднок ва шууронаи онҳо дар нутқи шифоҳии кӯдакон меравад. Ба ҷуз ин, ҳарчанд шуурона ва дониста истифода кардани воҳидҳои забонӣ дар нутқ вазифаи бевоситаи таълими забон дар мактаб ҳисобида шавад ҳам, ин чунин маънӣ надорад, ки дар раванди таълими томактабӣ марбут ба ин масъала саҳлангорона муносибат карда шавад. Азбаски мақсаду вазифаҳои асосии таълиму тарбияи томактабӣ омода намудани кӯдакон ба мактаб маҳсуб мешавад, зарурати фаъолонидани истифодаи калимаҳо ва ба низом андохтани нутқи кӯдакон маҳз дар ҳамин давра ба миён меояд ва он нутқест, ки кӯдак бо он ба мактаб меравад. Аз ин ҷо боз вазифаи дигари ҷиддӣ ба миён меояд, ки он нигоҳ доштан ва ҳифз кардани забони модарист. Ин масъала, яъне нигоҳ доштан ва инкишофи забони модарӣяке аз рукнҳои ҳуввияти миллист.

Бинобар ин, кӯдак талаба дар мактаб бояд ҳамчун done донанда, ифодакунандаи забон, маданияту санъат, фарҳангу адабиёт тарбия ёбад. Ба ҳаёти ҳаррӯзаи ӯ бояд тадриҷан асосҳои аввалиндараҷаи боигариҳои моддию маънавии халқ ва одату анъанаҳои миллати тоҷик дохил карда шаванд.

Талаба тавассути калимаҳои забон ҳиссиёт, талабот ва хохишҳои худро ифода мекунад. Ҳар қадар ӯ калимаю ибораҳои забонро аз бар кунад, ба маънии онхо сарфаҳм рафта, дар нутқаш истифода барад, ҳамон қадар имконияти ифодаи ҳиссиёт, шаклгирии нутқ ва сайқалёбии он бештар мегардад. Ин нуқта водор мекунад, ки пеш аз ҳама дар муассисаҳои тарбиявию таълимӣ ба масъалаи таълими забони модарӣ ва инкишофи нутқи кӯдак эътибори махсус дода, роҳу усулҳое коркард гарданд, ки воситаи хуби азхудкунии забон ва инкишофи нутқи кӯдак дар тамоми давраҳои синнусолӣ гарданд.

Ҳоло дар мактабҳои ҷумҳурӣ асоси корҳои таълимию тарбиявӣ бо забони модарӣ ба роҳ монда шудааст ва ин имконият медиҳад, ки мо аз боигарии забон, аз осори гузаштагон ва панду ҳикматҳои бузургон васеъ истифода намуда, бо ин восита нутқи гуфтугӯии кӯдаконро пурғановат, зебову гуворо гардонем.

Ҷанбаи мазкур дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004) зикр гардидааст.

Маҳз қабул гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» муносибати аҳли илм, ба хусус, мураббиёну омӯзгоронро ба омӯзиши забони модарию фарҳанги ниёгонамон дар ҳамаи сатҳу зинаҳои таълим ба куллӣ тағйир дод ва фаҳмиши онҳоро низ нисбат ба истифодаи мероси гузаштаи халқ аз ҷумла забони миллиамон дар раванди таълиму тарбия муайян намуд.

Тазаккур мебояд, ки дар ҷумҳурии мо як гуруҳ «олимон-таҳқиқотчиён (М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Ф. Икромова, Б.Боев, Р.Давлатова, И.Абдуллоев, Б.Боронов, Ш.Котибова) ба масъалаи инкишофи нутқи хурдсолон ва омӯзиши забони модарӣдар синфҳои ибтидоӣ шуғл варзида, корҳои таҳқиқотиро ба субут расонидаанд.Дар ин таҳқиқотҳо хусусиятҳои психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқ, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз паҳлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиққарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд.

Дар марҳилаи ҳозираи инкишофи худ таълиму тарбияи мактабӣ пешниҳод мекунад, ки мо бояд ба талаботи кӯдак, имконият ва хусусиятҳои психологии ӯ такя намоем. Ин яке аз омилҳои муҳими инкишофи шахсияти талаба мебошад. Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдак имкон

медиҳад, ки ӯ дар байни худ ва педагог алоқаи дӯстӣ, муомилаи хуш, бовари ба худро ба вуҷуд орад, ки ин яке аз заминаҳои инкишоф ва фаъол гардидани нутқи кӯдак ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни таълими забон ва инкишофи нутқ пеш аз ҳама, мизоҷ, диққат, хотира ва идроки талабаро ба назар гирифтан лозим аст, ки онҳо дар давраҳои синнусолӣ дар сатҳи гуногун ба амал меоянд.

М.Лутфуллоев чунин тазаккур додааст: Барои аз худ намудани забон лозим аст, ки таркиби равонии шахсияти талаба ташаккул дода шавад ва бояд таъкид намуд, ки дар синну соли хурди мактабӣ аксар равандҳои маърифатӣба таври ихтиёрӣ ба амал меоянд. Бинобар ин, имкони дар талабагон муносибати бошууронаро нисбат ба нутқ ба сухан рондан ташаккул додан вуҷуд дорад.[10]

Барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забони модарӣ дар мактаб аз роҳу усулҳое истифода бурдан лозим аст, ки асоси инкишофи нутқи талабаро ташкил намоянд. Яке аз чунин усулҳо ё омилҳо алоқамандии талаба  дар раванди муошират ва муносибат бо одамони атроф ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷараён талабагон фаъолии табиии худро дар дакрккунӣ ва фаъолият зоҳир менамояд.

Дар илми муосир масъалаи инкишофи нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ марбут ба таълими забони модарӣҳаматарафа омӯхта шуда истодааст. Дар ин бобат як зумра таҳқиқотҳо, аз ҷумла, кор бо калимаҳои гуногунмаъно, фаҳмидани тобишҳои маъноии калимаҳо, ташаккули нутқи образнок, азхудкунии ҷиҳатҳои овозии нутқ, азхудкунии воситаҳои калимасозӣ, инкишофи тарафҳои синтаксисии нутқ, инкишофи нутқи мураттаб ва ғайраҳо мавриди баррасӣқарор ёфтаанд.

Нутқ дар таркиби худ натиҷаи дурусти азхудкунии ҳамаи тарафҳои забони модариро гирд оварда, шарти асосии азхудкунии қисматҳои забон -

[10] Лутфуллоев М. Забони модарї дар синфи 1. Душанбе: «Ирфон» 1971.с.10.

фонетика (маданияти овозӣ), луғат, грамматика ва воситаҳои ифоданокии нутқбаҳисоб меравад.

Ба нутқи худ бошуурона муносибат зоҳир кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар дар ҷараёни муошират ва ҳалли масъалаю супоришҳои нутқӣ онҳо бо душвориӣрӯ ба рӯ шуда, фикр кунанд, калимаю ибораҳоро вобаста ба мазмуни матн интихоб намоянд ва пас аз он фикрҳои ҷудогонаро пайдарпаю бомантиқ баён созанд.

Яке аз воситаҳои муҳими ғанисозии захираи луғавии талаба ва инкишофи нутқи онҳо адабиёти бадеӣ мебошад. Танҳо дар адабиёти бадеӣҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба воситаи забони бойи образнок инъикос гардидаанд. Ҳамчунин, лозим ба таъкид аст, ки инкишофи нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси ба ҳисоб гирифтани пахлуҳои гуногуни нутқ (бой намудани лугат, тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули нутқи грамматикӣ) дар алоқамандӣ бо истифода аз асарҳои бадеии жанрашон гуногун, ки дар машғулиятҳои шиносоӣ бо адабиёти бадеӣба талабагон дастрас мегардад, дида баромада шавад.

Мазмуни кориинкишофи луғатро на танҳо зиёд намудани миқдори калимаҳо, балки фаҳмида гирифтани маъно ва мазмуни онҳо ташкил медиҳад. Ба талабагон имкон дода шавад, ки дар тартиб додани нақли мураттаб калимаҳоро вобаста ба мазмунашон аниқ ва бамавқеъ истифода баранд.

## §1.2.Нутқ ва хусусиятҳои он дар давраи таълими савод

Вазифањои аввалиндараҷаи таълими савод ба талабагон ёд додани хондану навиштан мебошад. Дар  баробари ин инкишофи тафаккур ва нутқи талабагон, ѓанӣ гардондани захираи луѓавӣ ва пайдо кунондани  малакањои ибтидоии машқи хат ва каллиграфия яке аз вазифањои муњими ин давра ба шумор мераванд. Навомўзон сохти забони тоҷикиро аз худ намуда, бо

унсурњои нутқ, ҷумла, калима, њиҷо, овоз, њарф ва ба воситаи хат ифодаёбии онњо, ба тарзи баёни нутқ ва ҷумлабандӣ шинос мешаванд.

Як гуруҳ «олимон-таҳқиқотчиён дар бахши методикаи таълими забони тоҷикӣ оид ба масъалаи мазкур аз ҷониби олимон- методистон таҳқиқотҳо ба анҷом расонида шудаанд, ки инкишофи нутқи кӯдакро дар марҳилаи таълими ибтидоӣ дар бар мегиранд, инњо: М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Р.Қурбонов, Р.Мирзоев,Ф.Икромова,И.Абдуллоев, Р.Давлатова ва дигарон.

Ҳамин нуқта моро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи омӯзиши забон ва инкишофи нутқи талабагон дар давраи таълими савод эътибори махсус диҳем ва аз имкониятҳои мавҷудаи забономӯзии онҳо дар ин давраи синнусолӣ самаранок истифода намоем. Нутқи равон аз олами таффаккур ҷудонашаванда аст: равонии нутқ ин равонии фикр мебошад.

Лутфуллоев М. дар бораи нутқ чунин маълумот додааст: Ду намуди асосии нутқи шифоњӣ маълум аст – диалогӣ (гуфтугӯи ду ё зиёда кас) ва монологӣ (гуфтугӯи худ ба худ, яъне гуфтори як одам). Њар яки он хусусиятњои худро дорост.

Шакли нутқи шифоњии диалогӣ ба таври гузориши саволу ҷавоб сурат мегирад, ки он ҷавоби нопурра ва кӯтоњро талаб мекунад. Ҷумлаи нопурра, оњангнокии талаффузи бурро ва таъсирбахш, қиёфа ҷињатњои махсуси нутқи диалогист. Барои нутқи диалогӣ бахусус мањорати додани савол, мувофиқи он шунидани ҷавоб ва ислоњ кардани нутқи њамсӯњбат зарур аст.

Нутқи шифоњии монологӣ ин нақли муфассал, пурра ва мунтазам мебошад. Бинобар ин аз гӯянда талаб карда мешавад, ки ӯ ба мазмун ва мукаммалии нутқи дањонӣ эътибор дињад. Аз ин ҷињат, нигоњ доштани возењӣ ва табиӣ будани нутқ бисёр муњим аст[11].

[11] Лутфуллоев М. Дарс. Душанбе: Маориф, 1995.-.с.196.

Дар марҳилаи ҳозираи инкишофи худ таълиму тарбияи мактабӣ пешниҳод мекунад, ки мо бояд ба талаботи кӯдак, имконият ва хусусиятҳои психологии ӯ такя намоем. Ин яке аз омилҳои муҳими инкишофи шахсияти талаба мебошад. Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдак имкон медиҳад, ки ӯ дар байни худ ва педагог алоқаи дӯстӣ, муомилаи хуш, бовари ба худро ба вуҷуд орад, ки ин яке аз заминаҳои инкишоф ва фаъол гардидани нутқи кӯдак ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни таълими забон ва инкишофи нутқ пеш аз ҳама, мизоҷ, диққат, хотира ва идроки талабаро ба назар гирифтан лозим аст, ки онҳо дар давраҳои синнусолӣ дар сатҳи гуногун ба амал меоянд.

М.Лутфуллоев чунин тазаккур додааст: Барои аз худ намудани забон лозим аст, ки таркиби равонии шахсияти талаба ташаккул дода шавад ва бояд таъкид намуд, ки дар синну соли хурди мактабӣ аксар равандҳои маърифатӣба таври ихтиёрӣ ба амал меоянд. Бинобар ин, имкони дар талабагон муносибати бошууронаро нисбат ба нутқ ба сухан рондан ташаккул додан вуҷуд дорад.[12]

Барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забони модарӣ дар мактаб аз роҳу усулҳое истифода бурдан лозим аст, ки асоси инкишофи нутқи талабаро ташкил намоянд. Яке аз чунин усулҳо ё омилҳо алоқамандии талаба дар раванди муошират ва муносибат бо одамони атроф ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷараён талабагон фаъолии табиии худро дар дакрккунӣ ва фаъолият зоҳир менамояд.

Дар вақти аз худ намудани мазмуни асари бадеӣ омӯзгор диққати талабагонро ба хусусиятҳои истифодабарии калима ва ибораҳо ҷалб намояд. ДаряКвақт вазифа гузошта шавад, ки талабагонро мустақилона аз дохили матн воситаҳои тасвирро муайян намоянд,чункимаҳз мавриди интихоби калима (луғат) дар онҳочунинсифатҳои нутқ ба монанди аниқ бамаврид ва мувофиқи маъно интихоб намудани калима тарбия карда мешаванд. Асоси

[12] Лутфуллоев М. Забони модарї дар синфи 1. Душанбе: «Ирфон» 1971.с.10.

кор бо луғатро бояд масъалаи фаҳмида гирифтани маънои калима (аслӣ ва маҷозӣ), кор бо ибораҳо  ниҳоят, маҳорати истифодаи калима ва ибораҳоро дар нақли мураттаби талабагон ташкил диҳанд.

Мақсади тарбиявии мутассилии инкишофи нутқ дар давраи таълими савод шинос намудан бо ашёву  њодисањои табиату иҷтимоиёт, тарбия намудани сифатњои ахлоқӣ, ба монанди ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, некандешӣ, тањаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, эњтироми рамзњои миллию давлатӣ, инсонгарой, одобу рафтори њамида, маданияту рафтори экологӣ, рушди зењнию ақлӣ, зебоишиносию зебоипарастӣ ва ѓайрањо мебошанд. Ба муаллим зарур аст, ки дар ин њолат бо бачањо машқњои дањониро зиёдтар анҷом дињад.Яке аз хусусиятњои ба худ хоси таъсиррасонии омӯгорон, калонсолон (падару модар, бибию бобо, бародару хоњар ва хешовандону наздикон) ба шахсияти кӯдакон  ин истифодаи асарњои бадеие мебошад, ки бо ёрии онњо метавонанд дар шакли бадеӣ, ба таври маҷозӣ ба кирдору амалиётњои хонандагони синфњои ибтидоӣ бањо дињанд, мањкум ва дастгирӣ намоянд.Ҳамин нуқта моро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи омӯзиши забон ва инкишофи нутқи талабагони синни мактабӣ эътибори махсус диҳем ва аз имкониятҳои мавҷудаи забономӯзии онҳо дар ин давраи синнусолӣ самаранок истифода намоем.

Асосан, образнокӣ ва ифоданокии сухани талабагон дар нутқи онҳо зоҳир мегардад. Кӯдакон нутқи ифоданоку пурмазмунро дар натиҷаи шунидан ва нақл кардан ёд мегиранд. Бинобар ин, вобаста ба синну солиталабагон дуруст интихоб намудани маводи омӯзиш воситаи асосии инкишофи нутқи мураттаби онҳо донистамешавад.Ҷабњањои таълиму тарбиявии омӯзиши забони модарӣ, фаъолиятњои мусаввирӣ ва маърифатии кӯдакон дар мактаб мутассилии мантиқиро таъмин мегардонанд.

Дар бачањои синни хурди мактабӣ нутқи равон дар дараҷаи баланд меистад. Кӯдакон ба саволњо бо ҷавобњои аниқ, кӯтоњ посух медињанд. Дар онњо мањорати бањо додан ба гуфтањо ва ҷавобњои њамсолони худ, илова ва ислоњ кардани нутқи якдигар инкишоф меёбад. Барои гуногунрангии

машғулиятњои таълимӣ оид ба нутқи диалогию монологӣ ташкил ва гузаронидани сањначањо, ки дар нақшњо бевосита худи кўдакон бозӣ мекунанд, баманфиат мебуд.

Мушоњидањодар давраи тоалифбо нишон медињанд, ки ба синфи як кўдакон аз оилањои гуногун, бо тайёрӣ ва инкишофи гуногун меоянд. Њар яке дорои хислат ва рафтору кирдори хоси худ мебошад. Дар ин давра муњимтарин вазифаи омўзгор муттањид намудани кўдакон атрофи мақсади ягона, муайян кардани ҷойи њар як талаба дар синф, ҷамъ намудани маълумот дар бораи зењн, инкишофи нутқ ва ба хондану навиштан омода будани талабањост. Талабагони ҷинсашон хурд, заиф, сустбину сустшунаво дар партањои пеш шинонда мешаванд.

Омўзгор дар охири моњи август саволнома тартиб дода, дар он оид ба тайёрии њар як шогирди ояндааш маълумот ҷамъ меор

Вазифаи давраи алифбоомўхтани њамаи 35 њарф, хондану навиштан ва дар ин замина инкишоф додани нутқи дањонӣ ва хаттист. Мазмуни кори омўзгорро нақлу сўњбат аз рўйи расмњои «Алифбо» ва дигар маводи дидактикӣ, ёд додани тарзи дурусти талаффузи овозњо ва навиштани њарфњо, хондани њарфњо дар њиҷо, калима, ҷумла ва матнњо ташкил медињанд. Методи фаъолияти омўзгор методи тањлил ва таркиби овозист.

Овозу њарфњо пайваста бо њиҷою калимањо ёд дода мешаванд. Талабањо баъди шунидану ёд гирифтани талаффузи овоз ва шинохти шакли чопию дастнависи њарф онро бояд дар њиҷою калимањо бихонанд ва бинависанд**.**Аз ин ҷост, ки талабагон дар ҷараёни як дарс овозро талаффуз мекунанд, ба шакли чопию дастнависи њарф шинос мешаванд,мехонанд, менависанд.Њар як овозу њарф њамон вақт дуруст азхудкарда ба њисоб меравад, ки агар он дар калима бо њамроњи њарфњои дигар хондаю навишта шавад.

Ин аст афзалияти таълими њамгиро, ки хонишу навиштро бо њам мепайвандад.

Дар бобати њосил кунондани малакаи хониши дуруст нақши њиҷо ањамиятнок аст. Њангоми хониш талабагон бо њиҷоњои кушода ва баста, калимањои як-чорњиҷодор сарукор мегиранд. Нишон додану хондани њиҷоњои кушодаи **ло, ла, на,мо, ма** ва калимањое, ки аз ин њиҷоњо сохта мешаванд (ло-ла, ло-на, ма-на), дар давраи аввали саводомўзї хеле мувофиқанд.

Дар давраи баъди алифбо ба талабагон бештар мустақилият дода мешавад. Онњо матнњои хурдро хонда, аз рўйи мазмуни расмњо фикрашонро озодона баён мекунанд. Омўзгор дар ибтидои омўхтани њар як матн суњбати муқаддимавї ташкил карда, худаш матнро аз аввал то охир мехонад. Кўшиш кардан лозим, ки сифати хониши талабагон  такмил дода шавад. Ба њамин мақсад дар сањифањои «Алифбо» матнњое дода шудаанд, ки аксарият асарњои бадеиянд.

Бобати бедор намудани фаъолияти фикрии талабагон саволњои омўзгор ва тарзи гузориши онњо нақши муњим мебозанд. Барои ангезиши фикр саволњои Чї тавр?, Барои чї?, Чаро?-ро додан лозим аст. Ин саволњо талабаро ба фикркунї водор месозад. Хониши баланд (овозї) дар ин давра давом меёбад. Талабагони алоњида бо овози баланд мехонанд, аммо дар муњокимаронї њама фаъолона иштирок мекунанд. Ѓайр аз ин, боз аз хониши якҷоя низ истифода бурдан лозим аст. Хониши якҷоя барои дар хотир нигоњ доштан ёрї мерасонад. Дар хониши якҷоя њама  иштирок мекунанд.

Дар баробари матнњои китоби «Алифбо» омўзгор метавонад аз китобчањои бачагона низ истифода барад. Дар давраи баъди алифбо кор бо овозу њарфњо, навиштани калимаю ҷумлањо давом мекунад. Дар ин давра талабагон калимаю ҷумлањоро бояд аз њарфњои чопї ба дастї баргардонда навиштанро ёд гиранд. Барои он ки талабагон мустақилона навиштани калимаю ҷумлањоро сарфањм раванд, танњо рўбардоркунї кифоя нест, навиштани калимањоро аз рўи расмњо, нутқи муаллим, аломатњои шартии калимаю ҷумла  низ бояд машқ кард.

## §1.3.Мавқеитаълими саводдарбарномаитаълимии синфҳоиибтидоӣ(тањлили барномаи таълимӣ ва китоби «Алифбо»).

Нақша ва барномаи таълими забони модарӣ дар синфњои ибтидоӣ ҷузъи таркибии Стандарти таълими њамин фанро ташкил медињанд. Дар Стандарти таълими фанни «Забони модарӣ» омадааст: «Забони модарӣ њамчун фанни таълимӣ дар синфњои ибтидоӣ њамгиро буда, вазифањои таълими хондан, навиштан, инкишофи нутқ, одоби муошират, имло, унсурњои одии грамматикаро ба таври маҷмӯъ (комплекс) њал менамояд.

Барномаи синфњои ибтидоӣ аз фанни «Забони модарӣ» њамчун њуҷҷати муњими давлат дар асоси усули аз сода ба мураккаб тартиб дода шуда, қисмњои зайлро фаро мегирад:

-Мактуби эзоҳӣ.

- Консепсияи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

- Нақши таълими забони модарӣ дар рушду нумӯъ ва ташаккули шахсияти хонандагон.

- Мавзӯъҳои таълими забони модарӣ ва тақсими соатҳо мувофиқи нақша.

- Мақсад, талабот, мундариҷа ва роҳҳои ба даст овардан, қонеъ гардонидан ва корбасти онҳо.

- Тавсияҳо.

- Масъалаҳои дониш, малака ва маҳорати талабагон ва ба ҳисоб гирифтани онҳо.

Дар консепсияи таълими забони модарӣ мақсаду вазифањои таълими фан таъкид меёбанд. Гуфта мешавад, ки забони модарӣ дар синфњои ибтидоӣ фанни умумӣ, тому яклухт буда, қисмњои саводомӯзӣ ва инкишофи нутқ, хониш, унсурњои грамматика ва имло, машқи хат ва тозанависиро фаро мегирад. Мақсадњои таълими ибтидоии забони модарӣ ба талабагон инњоянд:

- бунёдгузории малакаи хониш, омӯзиши сухангӯию сухан шунидан, ёд додани хонишу навиштан;

-ташаккули тасаввуроти ахлоқию зебоиписандӣ;

- инкишоф додани њавасмандӣ ба китоб, ки манбаи дониш ва таҷрибаи ҳаёт мебошад;

- нисбат ба забону хондан шавқу ҳаваси

бачаҳоро бедор намудан, пайваста ба дарсҳои забон,

-мушоҳидаҳои муҳит ва таҷрибаҳои ҳаёт ҷаҳонфаҳмии ибтидоии талабагонро дуруст ташаккул дода, фикр ва нутқи онҳоро бой намудан, инкишофи нутқи гуфторию навишторӣ;

- ба рушди ақлу хиради мактабиёни хурдсол кӯмак расондан;

- дар талабагон њосил кунондани маћорати таћлили маводи омӯхта, муқоиса, хулосабарорӣ, ҷамъбаст ва дарки маъно;

- тарбияи маънавии хурдсолон, унсурњои худшиносии миллӣ, дӯст доштани забон, Ватани худ, ифтихори ватандорӣ.

Вазифањои таълимию тарбиявии фанни «Забони модарӣ» дар қисмњои таълими савод ва инкишофи нутқ, забони модарӣ (хониш, унсурњои грамматика ва имло, хат ва инкишофи нутқ) дарҷ ёфтааанд.

Мақсади таълими фанни «Забони модарӣ»:

- омӯхтани савод (хондану навиштан);

-вусъати нутқи мураттаб;

- тарбияи ватандӯстӣ, эҳтироми рамзҳои миллию давлатӣ;

- тарбияи шањрвандӣ, ахлоқию маънавӣ;

-инкишофи фаъолиятњои эҷодию фардии мактабиён вағайраҳо мебошад.

Забони модарӣ фанни њатмии синфњои ибтидоӣ буда, самараи тамоми ҷараёни тањсил ба таълими он вобаста аст. Он аз қисматњои саводомӯзӣ, хониш, грамматика, имло, хат ва инкишофи нутқ иборат аст, ки дар њамгироӣ тадрис мешавад. Аз ин рӯ, самарабахшии фанњои дигар то дараҷае ба таълими ин фанни марказӣ вобаста аст. Таълими фанни забони модарӣ дар ташаккули шахсияти навшогирдон мавқеи пешбаранда дорад, зеро мањз тавассути омӯзиши он баъзе хусусиятњои муњимтарини шахсияти

хонандагони хурдсол, аз қабили хондану фањмидан, шуурона навиштан, гўш кардан, муњаббат ба зебоињои забони модарӣ, унсурњои эҷоди забонӣ, фикр кардан, гуфтан ва навиштани фикр ва монанди инњо ташаккул меёбад, ки њам заминањои инкишофи зењн, қобилияти истеъдод ва њам бунёди устувори одобу ахлоқи њамидаи инсонист.

Саводомўзӣ, инкишофи нутқи њам шифоњию њам хаттӣ, фикр карда тавонистан ва зуњуроти он дар забон ва амал, ташаккули маданияти муошират бо забони адабӣ вазифаи асосии ин фан аст. Вазифаи дигари таълими ибтидоии хониш аз омўзиши дуруст, қироати бурро ва бо шууронаю ифоданок иборат аст.

Вақте ки мо инкишофи нутқ мегўем, нутқи гуфторӣ, навишторӣ ва ботиниро дар назар дорем. Омўзгор кори инкишофи нутқро њамон вақт дуруст ба роњ мемонад, ки агар ў монандӣ, фарқият ва алоқамандии ин хелњои нуткро донад.

Таълими ин  фан аз рўйи ду китоби дарсӣ ба роњ монда мешавад: 1) Алифбо; 2) Забони модарӣ».Мақсади таълими фанни «Забони модарӣ» омўхтани савод (хондану навиштан), вусъати нутқи мураттаб, тарбияи шањрвандӣ, ахлоқию маънавӣ ва фаъолиятњои эҷодию фардии мактабиёни синфњои ибтидоӣ мебошад. Њамин мақсад муайянкунандаи вазифањои таълимии ин фан аст, ки онњо ба ду давра вобаста мебошанд:

1. Таълими Алифбо.
2. Таълими Забони модарӣ.

Таълими савод дар синфи як то охири январ давом мекунад ва он ба се марњила тақсим мешавад:

1. Тоалифбо.
2. Алифбо.
3. Баъди алифбо

Онњо ҷамъ160 соат буда, моњњои сентябр-январро фаро мегиранд. Њар яке аз ин марњилањо вазифањои худро дорад:

**- марњилаи тоалифбо ё омодагӣ**:бедор намудани шавқи талабагон ба мактаб, муаллим, њамсинфон, китоб, бедор намудани шавқи навомӯзон ба фаъолияти таълимӣ, тайёрӣ ба хониш, моњияти њарф њамчун аломати овоз барои ифода (навиштан), инкишофи панљањои даст; омӯхтани унсурњои (элементњои) асосии хат- хаткашӣ аз рӯйи қолабњои тайёр, рангмолӣ кардани расм, хаткашӣ аз рӯйи рахњо, риояи рахи дафтар; инкишофи нутқи талабагон, аз ёд кардани шеърњо; дарки нақшањои љумла, калима, њиҷо, овозу њарф). Давраи тоалифбо 30 соатро ташкил мекунад;

**- марњилаи алифбо:** омӯхтани овоз ва њарфњои алифбои забони тоҷикӣ (чопию дастнавис, њарфњои хурду калон); ҷобаҷогузории њарфњо дар нақша, ташаккули малакаи хониши њиҷоӣ бо назардошти гузаштан ба хониши равони калима, хониши љумлањои на чандон калон ва матн; таълими хат, унсурњои (элементњои) њарф, машқи навиштани њиҷо, калима, ҷумла; инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоњии талабагон аз рӯйи матнњои китоби «Алифбо». Давраи алифбо 120 соатро фаро мегирад;

**- марњилаи баъди алифбо:** инкишофи нутқ; такмили малакањои хондану навиштан, унсурњои одии имло ва грамматика, ташаккули муносибатњои шањрвандӣ ва маънавӣ, тарбияи њифзи муњити зист. Ин давра 10 соат давом мекунад.

Таълими савод тарњи њамгиро дошта, њамчун унсури ибтидоии фанни «Забони модарӣ» масъалањои хондан, навиштан, унсурњои имло ва тасаввуроти ибтидоии грамматикӣ, инкишофи нутқ ва масъалањои гуногуни тарбияро дар бар мегирад.

***Талабот ба дониш:***

- дар хотир гирифтани њарфњои алифбои забони тоҷикӣ: чопӣ, дастнавис, хурду калон;

- навишта тавонистани њамаи њарфњои алифбои забони тоҷикӣ: дастнавис, хурду калон;

- бо њарфи калон навиштани аввали ҷумла, аввали номи одамон, лақаби њайвонњо, номњои ҷуѓрофӣ;

- ҷудо навиштани калимаҳо дар ҷумла;

- фарқи овоз аз ҳарф;

- гурӯҳбандии овозҳо: садонок ва ҳамсадоҳо;

- калима ҳамчун воҳиди нутқ, ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо, аз сатр ба сатри дигар дуруст гузарондани ҳиссаи калима, тасаввуроти умумӣ дар бораи калимаҳо;

- қоидаҳои дуруст навиштани садонокҳои **о-а**, **и-ӣ**, **у-ӯ**, **е-э**, ҳамсадои **ъ**, ҳамсадоҳои такрор дар калима (латта, ғалла, арра), ҳамсадоҳои сустталаффузшавандаи **т**, **д**, **ҳ** дар мобайн ва охири калима;

- нақл карда тавонистани афсона;

- аз ёд кардани чистонҳо;

- машқи хати зебо ва хоно;

- аз ёд кардани шеърҳо.

***Талабот ба маҳорат:***

- ҷиҳати овозию ҳарфӣ таҳлил карда тавонистани калимаҳо;

- муаяйн карда тавонистани ҳудуди ҷумлаҳои матн ва калимаҳои ҷумла;

- ба ҳиҷоҳо ҷудо карда хондани калимаҳо бо назардошти гузаштан ба хониши дуруст, равона, шуурона, ифоданок;

- нақли мазмуни матни хондашуда ва мазмуни расмҳо, ба саволҳо ҷавоб дода тавонистан;

- барасмҳо савол гузошта тавонистан;

- риояи машқи хат, тозагии навишт ва унсурҳои ҳарф, навиштани калима, ҷумла ва матнҳои иборат аз 3-4 ҷумла;

- аз рӯйи саволҳои матн мустақилона нақл тартиб дода тавонистан;

- аз рӯйи нақша муайян кардани миқдори калимаҳои ҷумла ва тартиб дода тавонистани ҷумла;

- беғалат навиштани ҳарфҳои **й**, **ӯ**, **ҳ**, **д**, **т**, **ъ, йотбарсаҳо**ва ҳамсадоҳои такрор дар калима;

- ба матнҳои хурд гузошта тавонистани сарлавҳа;

- риояи одоби муошират.

Талаботи Стандарт ҳамин аст, ки онро ғайр аз талабагони касал дигар ҳама бояд аз худ намоянд.

Ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ аз фанни «Забони модарӣ» дар синфҳои ибтидоӣ ҷадвалҳои зерин илова мегарданд, то ки кори омӯзгорон то андозае осон шавад.

Омӯхтани савод ба талабагон ёд додани хондану навиштан аст. Баробари ин тараққӣ додани тафаккур ва инкишофи нутқи бачаҳо, ғанӣ гардондани захираи луғавӣ ва пайдо кунондани малакаҳои ибтидоии машқи хат ва тозанависӣ яке аз вазифаҳои муҳими ин давра ба шумор меравaнд. Навомӯзон сохти забони тоҷикиро аз худ намуда, ҷумла, калима, ҳиҷо, овоз, ҳарф ва ба воситаи хат ифодаёбии онҳоро амалан ёд мегиранд, ба тарзи баёни нутқ ва ҷумлабандӣ шинос мешаванд. Шиносоӣ бо унсурҳои нутқ ҳанӯз аз давраи тоалифбо оғоз меёбад.

Инкишофи нутқи шифоҳии кӯдакон аз синнусоли барвақтӣ (то 3 солагӣ) оғоз гардида он талаффузи дурусти овозҳо, бой гардидани захираи луғавӣ, ташаккули сохти грамматикӣ, нутқи мураттабро дар шакли муколамаро дар бар мегирад. Кӯдак арафаи ба мактаб рафтан, маҳорати бурро, фаҳмо ва ифоданок баён кардани фикрро аз худ менамояд.

Тибқи талаботи барнома дар давраи калон 5-6 солагӣ дар машғулиятҳои махсуси омодагӣ ба саводомӯзӣ тасаввуротҳо дар бораи овозҳо, мавқеи онҳо дар таркиби калима, ҷойгиркунӣ, мутобиқшавӣ дар системаи овозии забони модарӣ, яъне таҳлили овозии калима омӯзонида мешавад. Дар давраи омодагӣ ба мактаб бошад тасаввуротҳои кӯдакон оид ба овозҳои садонок ва ҳамсадо мустаҳкам карда шуда аз 5-6 калима сохтани ҷумла мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ҷараёни таҳлили овозӣ шиносоӣ бо ҳарфҳои чопӣ таъмин гардида аз онҳо тартиб додани калимаҳо машқ карда мешавад. Дар ҳаво, дар рӯи миз (бо чӯбчаҳо), дар рӯи қоғаз дар катакчаҳо, хатҳои рост тарзи дурусти навиштани рақаму ҳарфҳо омӯзонида

мешавад. Дар арафаи ба мактаб рафтан кӯдакон дар бораи овозњо (садоноку њамсадо) ҷойгиршавӣ ва мавқеи калима, мафњумњои овоз, њарф, њиҷо, калима, ҷумла маълумот њосил менамоянд. Дониш, мањорату малакањо, ки кӯдакон дар давраи томактабӣ аз худ менамоянд замина барои иҷро гардидани вазифањои таълими ибтидоӣ, ки онњо дар Консепсияи таълими ибтидоӣ нишон дода шудаанд. Иҷро гардидани ин вазифањо ба қобилияти дидактикии муаллимони синфњои ибтидоӣ, мавқеи иҷтиомию фарњангӣ, тайёрии касбию сифатњои шахсии ӯ вобаста аст.

Дар синфњои ибтидоӣ давраи саводомӯзӣ, таълими забони модарӣ ба иҷро гардидани мақсаду вазифањои омӯзишӣ таълимӣ ва тарбиявӣ равона карда шудаанд ва он хусусиятњои ба худ хос дорад. Мақсади тарбиявии мутассилии инкишофи нутқ, муошират, саводомӯзӣ ва таълими забони модарӣ дар синфњои ибтидоӣ шинос намудан бо ашёву њодисањои табиату иҷтимоиёт, тарбия намудани сифатњои ахлоқӣ, ба монанди ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, некандешӣ, тањаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, эњтироми рамзњои миллию давлатӣ, инсонгароӣ, одобу рафтори хамида, маданияту рафтори экологӣ, рушди зењнию ақлӣ, зебоишиносию зебоипарастӣ ва ѓайрањо мебошанд.

Забони модарӣ ва хониш дар шакли якҷоя таълим дода мешавад ва дар рушди нумӯъ ва ташаккулёбии шахсияти хонандагони хурдсол нақши муњим дорад.«Алифбо» китоби нахустини рӯйимизии мактабиёни синфи 1 буда, вай ягона манбаъ, сарчашма ва воситаест, ки навомӯзон аз рӯйи он хондану навиштанро ёд мегиранд. «Алифбо» дари илму донишро ба рӯйи мактаббачаи хурдсол боз мекунад. Муваффақияти донишомӯзии талаба, аз як тараф, ба омӯзгор вобаста бошад, аз тарафи дигар, аз бисёр ҷињат ба китоби рангаи «Алифбо» вобаста аст.Асосњои илмию педагогӣ ва методии «Алифбо» (муаллифон М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода., И. Абдуллоев) аз инњо иборатанд:

1. Инкишоф ва пешрафти имрӯзаи илми забоншиносии тоҷик ва методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ.

2. Хулосаҳои психологӣ ва синнусолии мактабиёни хурдсол.

3. Ягонагӣ ва ҳамоҳангии вазифаҳои таълиму тарбия.

4. Дуруст ҷо ба ҷо гузоштани ҳарфҳо, ҳиҷо ва калимаҳо дар саҳифаҳои «Алифбо».

5. Ба ҳисоб гирифтан ва истифодаи адабиёти бадеии бачагона ва эҷодиёти шифоҳии мардум.

6. Ба назар гирифтани нақша ва аломатҳои шартӣ дар омӯзиш.

## Боби 2.Накш ва мавқеи давраи таълими саводдар инкишофи нутқи талабагон

### §2.1. Давраи таълими савод ва роҳҳои инкишофи нутқ дар он

Мақсади асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ-инкишофи нутқи гуфторӣ ва навишторҳои талабагон аст.

К. Д. Ушинский қайд карда буд: «Дар мактабҳои мо ба машқҳои нутқи даҳонии бачаҳо хело кам аҳамият медиҳанд. Бачаҳо ё хомӯш мешаванд ё дарси гузаштаро нақл мекунанд ё ин ки ба саволҳо канда-канда ва беалоқа ҷавоб медиҳанд»[13]!

Ин сухонони К. Д. Ушинскийро, мутаассифона дар таҷрибаи як қатор муаллимони мактабҳои мо ҳам нисбатан дидан мумкин аст, чунки онҳо бештар ба он диққат медиҳанд, ки хонандагон фақат ҷавоби пурра додан ва нақлкунии чизи хондагиашонро донанд бас. Барои инкишофи ҳаматарафаи нутқи хонандагон фақат ба ҳамин тарзи кор маҳдуд шудан нодуруст аст. Ба фикри мо дар вақти ба талабагон таълим додани забони модарӣ вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки захираи луғавии талабагонро муттасил афзун гардонда, нутқи онҳоро такмилу ташаккул диҳад.

Нутқи равон аз олами таффаккур ҷудонашаванда аст: равонии нутқ ин равонии фикр мебошад.

[13]Ушинский К.Д. Избранные педгогические сочинения. - М.,1954.-Т.2.с.436.

Ду намуди асосии нутқи шифоҳӣ маълум аст – диалогӣ (гуфтугӯи ду ё зиёда кас) ва монологӣ (гуфтугӯи худ ба худ, яъне гуфтори як одам). Ҳар яки он хусусиятҳои худро дорост.

Шакли нутқи шифоҳии диалогӣ ба таври гузориши саволу ҷавоб сурат мегирад, ки он ҷавоби нопурра ва кӯтоҳро талаб мекунад. Ҷумлаи нопурра, оҳангнокии талаффузи бурро ва таъсирбахш, қиёфа ҷиҳатҳои махсуси нутқи диалогист. Барои нутқи диалогӣ бахусус маҳорати додани савол, мувофиқи он шунидани ҷавоб ва ислоҳ кардани нутқи ҳамсӯҳбат зарур аст.

Нутқи шифоҳии монологӣ ин нақли муфассал, пурра ва мунтазам мебошад. Бинобар ин аз гӯянда талаб карда мешавад, ки ӯ ба мазмун ва мукаммалии нутқи даҳонӣ эътибор диҳад. Аз ин ҷиҳат, нигоҳ доштани возеҳӣ ва табиӣ будани нутқ бисёр муҳим аст.

Дар бачаҳои синни хурди мактабӣ нутқи равон дар дараҷаи баланд меистад. Кӯдакон ба саволҳо бо ҷавобҳои аниқ, кӯтоҳ посух медиҳанд. Дар онҳо маҳорати баҳо додан ба гуфтаҳо ва ҷавобҳои ҳамсолони худ, илова ва ислоҳ кардани нутқи якдигар инкишоф меёбад. Барои гуногунрангии машғулиятҳои таълимӣ оид ба нутқи диалогию монологӣ ташкил ва гузаронидани саҳначаҳо, ки дар нақшҳо бевосита худи кӯдакон бозӣ мекунанд, баманфиат мебуд.

Барои инкишофи нутқи кӯдакони синни хурди мактабӣ гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи бозичаҳо ё расми онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ин гурӯҳҳо дар дарсҳои забони модарӣ аз рӯи маҷмӯи бозичаҳо ҳикояи гурӯҳӣ тартиб додан мумкин аст. Аз адабиёти бадеӣистифода намуда, захираи луғавии бачаҳоро пурмазмуну ғанӣ мегардонанд. Дар ин ҷода лозим аст, ки, диққати талабагонро барои мувофиқи мақсад истифода бурдани шаклҳои калимасозӣ дар нутқи мураттаби худ равона намуда, ба ин васила дар онҳо маҳорати истифодабарии шаклҳои гуногуни калима ва калимабандӣҳангоми баёни фикр ташаккул дода шавад.

Роҳҳои инкишофи нутқи гуфторию навиштории талабагонгуногунбуда, якчанд ҷиҳатҳоро дарбар мегирад: афзун намудан ва пурқувват гардонидани захираи луғавии талабагон, роҳи дурусти ҷумласозӣ ва инчунин инкишофи нутқи пайваст.

Ба мақсади инкишофи нутқи гуфторию навишторӣ муаллим дар дарси забони модарӣ суҳбат мегузаронад: талабагонро мефармояд, ки дар вақти ба савол ҷавоб додан ҷумларо дуруст тартиб диҳанд; доир ба порчаи мехондагиашон ба муаллим ва ба ҳамдигар савол дода ҷавобашро аз китоб ҷӯянд. Талабагон аз порчаи хондаашон ҷудо кардани фикри асосӣ, мухтасар маънидод кардан, тартиб додани нақша ё ҳикоят ва нақл кардани мазмуни онро ёд мегиранд.

М. Лутфуллоев таъкид кардааст:«Инкишофи нутқро аз инкишофи тафаккури мантиқӣ набояд ҷудо кард. Бинобар он муаллим бояд ба луғатомӯзӣ, машқҳои мантиқӣ, ҳалли чистон, кушода додани мазмуни зарбулмасалу мақол ва панду ҳикмат диққати ҷиддӣдиҳад»[14].

Муаллим ҳангоме, ки ба нутқи гуфтории талабагон диққат медиҳад, вай бояд ба меъёри нутқи гуфторӣ эътибор доданро талаб кунад, талабагон ба талаффузи ҳар як калима аҳамият дода доимо ба рафти нутқи худ ва рафиқонашон назорат кунанд.

Роњњои инкишофи нутқи талабагон гуногун буда, чунин ҷињатњоро дарбар мегиранд: афзоёндан ва пурқувват гардонидани захираи луѓавии талабагон, роњи дурусти ҷумласозӣ ва инкишофи нутқи пайваст. Бо мақсади инкишофи нутқ муаллим дар дарси забони модарӣ суњбат мегузаронад, талабагонро мефармояд, ки дар вақти ба савол ҷавоб додан ҷумларо дуруст тартиб дињанд, доир ба порчаи мехондагиашон ба муаллим ва ба њамдигар савол дода ҷавобашро аз китоб ҷӯянд.

Мушоҳидаи солҳои охир нишон медиҳад, ки доир ба инкишофи нутқи гуфторию навишторӣ аксарияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ, хусусан дар мактабњое, ки мо бо донишҷӯён таҷрибаи педагогӣ

[14] М. Лутфуллоев. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ.Д.2007. с. 417.

мегузаронем, муаллимони синфҳои ибтидоӣва таҷрибаомӯзон ҳаракат мекунанд, ки дар кори амалии худ эҷодкорона усулҳои гуногуни корро истифода баранд ва дарсҳои забони модарӣ хело завқовар гузарад. Масалан: ба саволҳои муаллим ҷавобҳои пурра додан, ёфтани ҷавобҳои чистонҳо, фаҳмидани мазмуни зарбулмасалҳо, ҳикояи хонандагон дар бораи одамони наздикашон, бо сухан тасвир намудани мазмуни суратҳо расмњо, нақли эҷодии гуфторию навишторӣ аз рӯи расм ва ғайра.

Дар дарсҳои таълими савод ба инкишофи нутқи талабагон бештар китоб ёрӣ мерасонад. Чунки асоси методи таълими саводро ҷараёни тањлили овозӣ ташкил медињад. Аз ин ҷињат,  методи тањлил ва таркиби овозӣ методи асосии таълими савод ба шумор меравад. Инкишофи нутқи мураттаби хонандаи хурдсол дар «Алифбо» мақоми алоњидаро ишѓол мекунад. «Алифбо»  њамчун китоби дарсии нахустини навомӯзон дар асоси ба назар гирифтани хусусиятњои психологӣ ва синну соли онњо тартиб дода шудааст.

Чун қоида навомӯзон дар ин синну сол бозиро дӯст медоранд. Аз ин хотир, муаллифон қариб дар њар сањифаи китоби «Алифбо» бозињои гуногуни таълимӣ ҷой додаанд. Диққати талабагонро расмњои ранга ҷалб мекунанд, ки онњо дар китоб фаровонанд. Талабагон аз «Алифбо»баробари ёд гирифтани хондану навиштан тарбия низ меёбанд, ки ин алоқамандии таълиму тарбияро таъмин менамояд. Талабагон аз сањифањои аввал бо расми Нишон, Парчам, Суруди милии Ҷумњурии Тоҷикистон, пайкари Исмоили Сомонӣ, расми қањрамонон - С. Айнӣ, Б. Ѓафуров, Э. Раҳмон,  М. Турсунзода, Н. Махсум, Ш. Шотемур, Сарқонуни Ҷумњурии Тоҷикистон шинос мешаванд.

Дар «Алифбо» намунањои бењтарини назму наср, мазмуни афсонањо дар шакли расм, асарњои бадеии бачагона ва фолклор, чистону зарбулмасалњо оварда шудаанд.

Мушоњидањо ва таҷрибаи калонсолон нишон медињад, ки истифодаи афсона, чистон, шеърњо, зарбулмасалу мақолњо гуфторро зебо, фикрро

равшан, суханро таъсирнок, фикрро нишонрас мегардонанд, ба он обу ранги тоза мебахшанд.

Барои инкишофи тафаккур ва нутқи талабаҳо истифода бурдани чистонҳо фоидаи калон дорад. Бачаҳо нағз мефаҳманд, ки чистон ин саволи шавқангезе барои зиракон аст. Ҳама мехоҳад, ки баҳушу тезфаҳм бошад.

Истифодаи нақша ва аломатњои шартӣ дар ҷараёни таълим яке аз дастовардњои методика дар солњои охир мебошад. Истифодаи аломатњои шартӣ ањамияти иҷтимоӣ дорад ва тақозои замон аст.

Дар синфи як, ки њанӯз навомӯзон калимаю ҷумлањоро хондаю навишта наметавонанд, дар ин маврид истифодаи аломатњои шартӣ мувофиқ аст. Бо ин мақсад дар китоби «Алифбо» аломатњои зерин ҷой дода шудаанд:

аломати ҷумла: |__________ ;

калимањои ҷумла: |___ ___ __ ;

аломати калима: _____ ;

аломати њиҷо: ▭▭ ;

аломати овозу њарф: о.

Барои фарқ кардани ҷумла, калима, њиҷо, овозу њарфњо дар даврањои аввали саводомӯзӣ аз њамин аломатњо истифода бурда мешаванд.

Дар аксари сањифањои «Алифбо» доирачањои беранг, сабз, сурх аксёбӣ шудаанд, ки овозу њарфњоро ифода мекунанд. Ранги сабзи доирача садонокњо ва сурх њамсадоњоро мефањмонанд.

Инкишофи нутқи дањонӣ њаногоми кӯдакӣ яке аз равандњои асосии инкишофи инсон ба њисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва бењтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи њаёт мањсуб меёбад. Танњо шахси нутқаш инкишофёфта фикрро пурмазмун, пайдрњам ва равшану аниқ ифода намуда, симои маданию маънавии худро дар назди дигарон зоњир менамояд.

Кӯдак чун дигар ашхоси ҷомеа дар муњити инсонӣ зиндагӣ мекунад, таҷрибаи њосилкардашудаи ҷомеаи инсониро қабул мекунад ва бо њамин восита пеш меравад. Муњите, ки ӯро ињота кардааст аз ашё, њодиса, ва

воқеаҳои гуногун иборат аст, ки он ҳамеша дар шуур дар шакли калимаю таркибҳо инъикос меёбанд. Нутқ ҳамчун воситаи фаҳмида гирифтани ҳамин воқеият ва ҳақиқати олами атроф аз кӯдак инкишофи муайяни ақлиро талаб мекунад. Истифодаи калимаҳои ҷудогона ин танҳо асоси дониши мушххас дар бораи ашё, ҳодиса ва воқеаҳои ҷудогона, балки воситаи дарк карда тавонистану фаҳмидани алоқаи мавҷудаи байни ашёи ҳамин муҳит дониста мешавад. Аз ин рӯ, кӯдак баробари дидан, мушоҳида намудан ва омӯхтан доираи муайяни калимаҳоро, ки тадриҷан зиёд ва фаъол шудан мегиранд, ба нутқи худ ворид кардан мегирад.

Муносибати кӯдак бо калонсолон яке аз шартҳои инкишофи психикии кӯдакон мебошад. Кӯдак дар асоси аз худ намудани таҷрибаи бисёрасраи инсоният танҳо бо туфайли муносибат бо калонсолон ҳаматарафа инкишоф меёбад, зеро дониш, малака ва маданияти бойи калонсолонро кӯдак ба воситаи забон аз худ мекунад.

Ба ташаккулёбии нутқи кӯдак нутқи калонсолон, ки кӯдак дар иҳотаи онҳо ба воя мерасад, аҳамияти калон дорад.Сухомлинский В.А.мегӯяд, ки «кӯдакон тақлидчиёни беҳамтоанд, хусусияти нутқи калонсолон дар натиҷаи тақлид ба зудӣ ба нутқи кӯдакон мегузарад»[15].

Оила барои кӯдак як муҳити табииест, ки дар инкишоф ва ташаккулёбии кӯдак нақши калон мебозад.

Маълум аст, ки давраи саводомӯзӣ давраи зиёд шудани шавқу ҳавас, ҳисси кунҷковии кӯдак аст ва дар ин давра онҳо «барои чӣ, чаро»- гӯяк мешаванд. Омӯзгор ва падару модаронро мебояд аз ин истифода бурда ба саволҳои кӯдакон бесаброна ҷавоб диҳанд, захираи луғавии кӯдакро бой ва ҷаҳонбинии ӯро васеъ гардонанд. Маълум аст, ки барои муносибат бо одамони гирду атроф, барои баёни ҳиссиётҳои ҷамъшуда ва фикрҳои худ кӯдакон ба захираи луғавӣ ниёз доранд. Албатта, дар кӯдакони синни 7 сола як миқдор захираи луғавӣ аллакай вуҷуд дорад, аммо на ҳама вақт аз он истифода бурда метавонанд. Аз ин лиҳоз К.Д.Ушинский дар кӯдакон

[15]Сухомлинский В.А. О воспитании. - Москва: Просвещение, 1985.-285с.

инкишоф додани қобилияти ба воситаи сухан баён намудани њолат ва њиссиёти худро яке аз вазифањои асосии тарбия мешуморид. Ў чунин мењисобид, ки фақат дар он њолат кўдак фикри шахсии худро баён карда метавонад, ки агар ў қобилияти сухан ронданро дошта бошад.[16] Дар баробари ин захираи калимањои фарогирифта ба кўдак имкон медињад, ки таҷрибаи бойи авлоди гузаштагонро аз худ намуда, асосњои нутқи дањонӣ ва хаттиро ба даст оварда ва ба ин васила инкишофи нутқи хешро таъмин созад.

Дар тарбия ва инкишофи нутқи кўдак дар оила адабиёти бадеӣ нақши калон мебозад, кўдакон бо майлу рағбат шунидани асарњои адабиро дўст медоранд, он суруди оддӣ, афсона ё њикояи ифоданок ва образнок нақл кардани падару модар дар дар њузури ањли оила ба кўдак таъсири калон мерасонад. Муњити оилавӣ муносибати кўдакро ба адабиёт муайян мекунад. Адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти дањонакии халқ аз ҷумлаи манбаъњое мебошанд, ки инсонро аз солњои аввалини  њаёташ њамроњӣ мекунанд. Мањз дар зинаи аввали синни мактабӣ, ки тањкурсии инкишофӣ шахсият гузошта мешавад, шуури кўдак ташаккул меёбад, таассуроти ў дар бораи муњит бою рангин гардида, захираи луғавиаш бо суръат зиёд шудан мегирад, дар ин ҷабња моњияти адабиёти бадеии бачагонро қайд намудан зарурат дорад. Масалан, бой намудани захираи луғавӣ ва нутқи кўдакон яке аз масъалањои муњими давраи таълими савод буда, барои  ба ҳаёти оянда тайёр намудани  тайёр намудани кўдакон замина мебошад. Зеро кўдаки нутқаш инкишофёфта дар мактаб суханони муаллимро бедушворӣ мефањмад, ба саволњои ў ҷавоб дода метавонад, ки ин барои дар мактаб бомуваффақият тањсил намудани вай ёрӣ мерасонад.

Маълум аст, ки забон аз ҷумлањо, ҷумлањо аз калимањо иборат аст. Аз ин сабаб калимањо захираи луғавии забонро ташкил медињанд, чи қадаре захираи луғавии мо бой бошад њамон қадар нутқи мо равон, пурмазмун ва таъсирнок мебарояд. Чи тавре, ки дар боло гуфта гузаштем, бой намудани

[16]Ушинский К.Д. Избранные педгогические сочинения. - Москва,1954.-Т.2.-468с.

захираи луѓавӣ яке аз асосњои инкишофи нуткро ташкил медињад. Захираи луѓавии кўдакон чӣ дар дарсҳои доимии забони модарӣ ва чӣ дар дарсу машғуличтҳои дигар бой карда мешавад.

Зинаи ибтидоии таълим давраи баѓоят муњиму масъулиятноки ташаккули шахсияти кўдакон мањсуб мешавад. Кўдак дар ин марњила пеш аз њама бояд кунҷковӣ, њисси таваҷҷўњ ба муњити атроф ва њаёти иҷтимоиро доро бошад.

Таҷрибањо нишон додаанд, ки кор бо хонандагони сустхон мушкилоти зиёде доранд. Душвории аввал ин аст, ки хонандагони синф қобилияти гуногун доранд. Аз оѓоз то ба анҷоми дарс пеш аз њама диққати муаллим бояд ба хонандагони сустхон равона шуда бошад. Бояд дар њар лањзаи дарс дар баробари пурсидани хонандагони фаъол, кўшиш намудан лозим аст, ки диққати хонандагони сустхонро ба маводи таълим бисёртар ҷалб кунем.

Мазмуни мавзўъро бо забони сода ба онњо фањмондан лозим аст. Воситањои айёнии гуногунро дар лањзањои гуногуни дарс ба маврид истифода барем, то ки майлу раѓбати онњоро барангезад. Ва азхудкунии маводи таълимро осон намояд. Ин кор аз муаллими синфи ибтидоӣ савияи баланди дониши педагогӣ, психологӣ ва касбиро талаб мекунад, зеро муаллим мувофиқи хусусияту қобилияти шогардонаш бояд ба онњо муносибаташро ташкил кунад. Нутқи хонанда ба тафаккури ў бевосита алоқаманд аст. Аз ин рў, кўшиш намудан лозим аст, ки дар дарс њар машқу мисол ба мушоњидаи њаёти хонанда алоқаманд бошад. Ин ҷараёнро бо се роњ (усул, тариқ) ташкил кардан мумкин аст:

-бевосита дар ҷарёни дарсњо;

-ба воситаи корњои берун аз синф;

- тавассути сўњбати инфиродӣ.

Дар ҷараёни дарс ба лањзањои зерин диққат додан лозим аст;

1) Инкишофи нутқи гуфтугўйӣ ва хаттии хонандагони сустхон;

2)Хонандагони сустхонро ба хонандагони пешқадам (фаъол) вобаста намудан лозим аст;

3) Инкишофи фаъолияти фикррониии хонандагони сустхон;

4) Аз рўйи расмњо ҷумнақл кардан;

5) Бо саволњои сода пурсидани маводи таълимӣ;

6) Ташкили саволу ҷавоб дар байни хонандагон;

7) Санҷиши дафтарњои хонандагони сустхон дар њузури худи онњо;

8) Дар тахтаи синф бо онњо бештар кор кардан;

9) Ташкили дарсњои иловагӣ;

10) Аз рўйи расмњо ҷумла, ифода, матн тартиб додан;

11) Ташкили суњбатњои алоњида ва корњои фардӣ бо онњо;

12)Њавасманд кардани хонандагони сустхон;

13)Шарњи корњои хуби хонандагони сустхон.

Ба хонандагони сустхон муаллим бояд њалимона рафтор кунад. Ў тарзе муносибат кунад, ки хонандагони сустхон аз хатои кардагии худ воқиф шаванд ва онро ислоњ намоянд. Дар рафти дарс хонанда бояд озод бошад ва фикр карда аз чизе нањаросад, ки боиси кам шудани қобилияти фикррониии ў мегардад.

Омилњои инкишофи нутқ ва алоқаманд кардани нутқи дањонӣ бо нутқи хаттӣ чунин аст:

1). Давраи саводомўзӣ – кор бо расмњо.

2). Баъди омўзиши миқдори муайяни њарфњо.

3). Кор аз рўи расмњо бо инкишофи нутқи хаттӣ.

Ё ин ки мо кадом овоз ва њарфро гузаштем. Масалан: Оо – кадом ашёњоеро медонед, ки овоз ва њарфи Оо – ро дошта бошад. Бачањо ҷавоб медињанд: об, оњу, нофтоб, осмон, одам, Олима., Осия., Озода., Обида., Олим ва њоказоњо. Талабагон бо кадом ин калимањо ҷумла месозанд.

Дар синфи якум кор аз рўи тасвирњо сурат мегирад: манзарањои гуногун ба монанди: «Бањори Ватан», «Дар гулзор», «Саёњати боғи Ирам»

сӯхбатњо гузаронида мешавад. Инчунин як ё ду ҷумла низ нав мешавад, ки ин оњиста-оњиста ба инкишофи нутқи дањонӣ ва хаттӣ замина мегузорад.

Дар давраи таълими савод барои инкишофи нутқи хонандагон кор аз рӯи расмњо, хониши бадеӣ, афсонањо, суруди бачагона барои инкишоф додани нутқи бачањо васеъ истифода мешавад.

Њар як муаллим бояд барои инкишофи нутқи хонандагон аз «Чистонњо», «Маҷмӯи афсонањо», «Зарбулмасалњо» панду њикматњо истифода мебарад. Барои инкишофи нутқи хонандагон гузаронидани соатњои тарбиявӣ нақши асосиро мебозад. Соатњои тарбиявӣ дар мавзӯъњои: «Рӯзи Истиқлолият», «Рӯзи муаллим», «Соли нав», «Рӯзи модарон», «Наврӯз муборак» ва њоказоњо. Бо гузаронидани соатњои тарбиявӣ хондани шеъру суруд, лавњањо, гуфтори бузургони муосири тоҷик, сањначањо ва тезгӯякҳо нутқи хонандагонро бурро мегардонад.

Масалан шеърҳо:

**Мењмон**

Ана, ана мењмонон
Омаданд, эй модарҷон,
Акнун даррав биёед,
Дастурхонро кушоед.
Асал гиред аз ҷевон,
Себу ангур аз яхдон.
Харбузаро «кафонед»,
Қанду мураббо монед.
Ман њам хӯрам аз онњо,
Нишаста бо мењмонњо.

(А. Бањорӣ)

**Киштичаи ман**

Киштичаи хушрӯяк

Овард ба ман Мирамак,

Мешавам ман капитан

Дар дарёњои Ватан.

Шино карда мегардам,

Наметарсам аз душман!

(М. Миршакар)

**Алла**

Сарвинози ҷонона,

Алла мекунӣ ё на?

Кардаст алла додарат.

Кардаст алла хоњарат,

Мусичат алла кардаст,

Бузичат алла кардаст,

Зочаат алла кардаст,

Очаат алла кардаст,

Ту њам хоб кун, Сарвиноз,

Умракат шавад дароз.

(Бобо Њоҷӣ)

Масалан: Дар синфи як хонандагон аз китоби «Алифбо» дар вақти хондани шеъри Бобо Ҳоҷӣ «Дастони модар» ва «Модари меҳрубони ман» ба саволҳое, ки аз тарафи муаллим дода мешуданд дуруст ва пурра ҷавоб медоданд. Дар вақти хондани шеъри «Дастони модар» хонандагонро ба хониши интихобӣ таклиф карда мешуд. Аз шеър он ҷоеро хонед, ки «Чӣ гуна аст, дастони модар»? Акнун дар бораи он хонед, ки «Дастони модарро дар кадом корҳо дидан мумкин».

Аз ёд кардани шеърњо низ барои инкишоф додани нутқи хонандагон ёрии калон мерасонад. Ба њар гурўњ мувофиқи дониш, малакаю

маҳораташон шеърҳо супорида мешавад. Аз ёд кардани шеър, махсусан ба хонандагоне, ки суст мехонад, манфиатнок аст.

Инкишофи луғат ҳамчун раванди тӯлонии азхудкунии захираи луғавӣ мебошад. Дар синни 6 – солагӣ захираи луғати кӯдак то 3 - 3,5 ҳазор калимаро фаро мегирад. Минбаъд кор аз рӯи бойгардонии захираи луғавӣ давом меёбад. Дар ин синну сол бачаҳо номи ашёи барои онҳо навро дар раванди фаъолияти ҳаррӯза бо осонӣ азбар менамоянд.

Инкишофи луғати бачаҳоро яке аз вазифаҳои муҳими инкишофи нутқ меҳисобанд. Дар синни томактабӣ кӯдак бояд луғатҳоеро аз худ кунад, ки ба вай бо ҳамсолон ва калонсолон имконияти муошират карданро диҳад, ӯ намоишномаҳои телевизору радиоро то андозае фаҳмад.

Шарҳ додани мазмуни калимаҳои сермаъно барои тайёр намудани кӯдакон ба мактаб аҳамияти махсус дорад, зеро мавзӯи мазкур дар барномаи синфҳои ибтидоӣ дарҷ ёфтааст.

Расм воситаи муҳиммест барои инкишофи нутқи талабагон. Бачаҳои ин синну солро зарур аст, ки мушоҳида намудани ҷузъиёти дар расм инъикосёфтаро омӯзанд, тасвири табиатро дар ҳикояи худ дохил кунанд, ба монанди:

- заминаи (фони) манзараи расм;
- манзараи табиат;
- вазъияти обу ҳаво ва монанди инҳо.

Дар машғулиятҳо истифодаи расм аҳамияти калон дорад, зеро зимни он нутқи равони кӯдакон инкишоф меёбад, луғати онҳо бой ва фаъол мегардад, дар кӯдакон сохти грамматикии нутқ ба вуҷуд омада, ташаккул меёбад.

Дар боло қайд кардем, ки мақсади асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ инкишофи нутқи талабагон аст. Дар вақти ба талабагон таълим додани забони модарӣ вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки захираи луғавии талабагонро муттасил афзун гардонда, нутқи онҳоро такмилу ташаккул диҳад. Роҳҳои инкишофи нутқи талабагон гуногун буда, чунин

ҷиҳатҳоро дарбар мегиранд: афзоёндан ва пурқувват гардонидани захираи луғавии талабагон, роҳи дурусти ҷумласозӣ ва инкишофи нутқи пайваст. Бо мақсади инкишофи нутқ муаллим дар дарси забони модарӣ суҳбат мегузаронад, талабагонро мефармояд, ки дар вақти ба савол ҷавоб додан ҷумларо дуруст тартиб диҳанд, доир ба порчаи мехондагиашон ба муаллим ва ба ҳамдигар савол дода ҷавобашро аз китоб ҷӯянд. Талабагони синфи якум аз порчаи хондаашон ҷудо кардани фикри асосӣ, мухтасар маънидод кардан, мустақилона хондан ва нақл кардани мазмуни онро ёд мегиранд.

### §2.2 Нутқи алоқанок - ҷавҳари асосии саводомӯзӣ

Нутқи алоқанокяке аз ҷавҳари асосии дарсҳои саводомӯзӣ ба шумор меравад.Дар бораи инкишофи нутқи мактаббачагони хурдсол даҳҳо рисолаҳо дифоъ, садҳо асарҳо чоп шудаанд, миқдори мақолаҳо беҳисоб аст. Аммо дар замони мо ҳар кас хоҳад, ки доир ба баланд бардоштани сифату самаранокии таълими ибтидоии забон фикр ронад, бояд аз нуқтаи назари инкишофи нутқи мураттаб (алоқанок) баромад намояд. Муайянкунандаи тамоили таълими ибтидоии забони модарӣ, ки пояи нахустини он таълими савод аст, инкишофи нутқи алоқанок мебошад. Ин мавзӯъ ҳамчун проблема бояд диққати муаллифони китобҳои дарсӣ, методистону муаллимонро нисбат ба пештара бештар ҷалб намояд. Ана барои ҳамин ҳам инкишофи нутқи алоқанок ҷавҳари ҳар як дарси таълими саводро ташкил медиҳад. Бар замми он ки худи дарс сар то по аз нутқи алоқанок иборат аст (саволу ҷавоби муаллим бо бачаҳо, нақлу ҳикояҳои он, хондану таҳлили матнҳо…) дарсҳои омӯхтани мавзӯи нав аз нутқи алоқанок сар шуда (лаҳзаи 1) бо нутқи алоқанок хотима меёбад (лаҳзаи 8).Лаҳзаҳои 6,7 бошад талабагонро ба ин кор омода месозанд.

Ба ин тариқ, лаҳзаи аввали омӯхтани овоз ва ҳарфи нав ба ҷои нишон додани чизҳо ва расми онҳо аз нутқи алоқанок сар мешавад. Барои ин дар қисми болои ҳар як саҳифаи «Алифбо» расмҳои чизҳои алоҳида оварда шудааст. Муаллим яке аз он расмҳоро интихоб намуда, доир ба он ягон

афсона, шеър, чистон тайёр менамояд ва аз рӯи он нутқи алоқанок мегузаронад. Нақли муаллим, суњбат ё шеърхонии ӯ бояд диққатҷалбкунанда бошад. Характери дидактикии нақл њамеша дар мадди назар дошта бошад. Ин чӣ маъно дорад? Муаллим накл ё суњбаташро тарзе ташкил мекунад, ки калимаи заруриро на худи ӯ, балки бачањо талаффуз менамоянд. Масалан бо мақсади омӯзонидани овоз ва њарфи х расмњои харбуза, хона, харгӯш оварда шудаанд. Аммо диққати муаллими пуркорро на он расмњо, балки нақле ҷалб мекунад, ки дар он калимањои хона, хар бештар вомехӯранд ва бачањо аз нақли он ба ваҷд меоянд. Муаллим нақл карда истода расмњои заруриро дар тахтаи синф часпондан мегирад, яъне аппликатсия мекунад. «Дар як дења як дењқон зиндагӣ мекард (дар тахта расми мардеро мечаспонад, ки машғули дењқонист). Ӯ як њайвони пурзӯри гӯшдароз дошт. Ин њайвон…» Офарин, доноякњои ман, ин њайвони калони гӯшдароз хар аст. (Расми харро мечаспонад). Як рӯз њамин хар аз хона қањр кард. Аз куҷо қањр кард? (Аз хона). Бале аз хона (Расми хонаро мечаспонад). Муаллим ана дар њамин ҷо ба нақлаш хотима медињад ва таъкид мекунад, ки давомашро баъдтар мегӯям. Мурод аз ин қисса ҷалб намудани диққати бачањо ба дарс ва талаффузи калимаи хона аст. Диққат кунед: тамоми калимањоеро, ки дар айни замон характери дидактикӣ доранд, худи муаллим, вале калимаи «хар» ва «хона»-ро, ки дар аввалаш њарфи х аст, бори аввал бачањо талаффуз кардaнд, муаллим бошад онњоро тањсин намуда, баъд талаффуз кард.

Дар мавриди дуюм бањайси нутқи алоқанок шеъреро ифоданок мехонад, ки дар он дарбораи ягон чӣ ё кӣ меравад. Масалан, барои омӯхтани овоз ва њарфи с расмњои Соро, сатил, соат дода шудааст. Муаллим аз байни ин ашёњо расми «соат»-ро интихоб мекунад ва диққати тифлаконро ба шеъру шоири ширинбаён Гулбањор ҷалб менамояд. Баъди ба поён расидани шеър як савол кифоя аст, ки бачањо ањлона калимаи зарурӣ «соат»-ро талаффуз кунанд. Дар ин шеър сухан дар бораи чӣ меравад?(дар бораи соат).

Аммо бояд таъкид кард, ки агар шеърњоро бо мақсади таълими савод истифода барем (ва бояд њам истифода барем), пас бењтарин шеър дар ин

бобат њамонест, ки ягон хусусияти овоз (њарф)-ро истифода кунад. Бештар аз 20 сол аст, ки муаллимон њини гузаштани овоз ва њарфи О ва дар ҷашни алифбо шеъри А.Бањорӣ «њарфи о»-ро бо камоли майл истифода мебаранд ва бачањо бошад бо завқ хонда, лаззати эстетикӣ мегиранд ва муњимаш он аст, ки мавзўъ яъне овоз ва њарфи О дар хотири бачањо ба зудӣ нақш мебандад:

Њарфи «О»-ро медонем,
Навишта метавонем,
Дањони «О» доим во,
Магар гушна мондааст «О»,
«О» њам ба мисли кўдак
Будаст аҷаб гирёнчак…

Ва аммо дар шеъри А.Бањорӣ «Расмкашӣ» симои њарфи «Қ» барҷастатар тасвир ёфтааст:

Сурати шерро кашам,
Хирсаки думчадор шуд…
Қоз кашам, лўндааю паст
Мисли сари пиёз шуд.
«Қ» нависам, қалам шикаст,
Думчаи «Қ» дароз шуд.

Дар ин мавридњо агар муаллим ин шеърњоро сарфи назар карда аз паси суњбати дигаре шавад, ѓайр аз зоеъи вақт чизи дигаре нест:(Албата то пайдо шудани шеърњои бењтару хубтар). Мањз њамин гуна тарзу воситањо моро ба мақсад тезтар наздик мекунад. Шояд баъзе муаллимон эрод гиранд, ки оё њар сол як хел мисолро истифода бурдан хуб аст. Бале, мо бояд мисолњои тоза ба тоза ҷўстуҷў намоем, аммо набояд фаромўш кард: аввал, ин ки мисоли баъдина аз гузашта хубтару мувофиқтар бошад, дуюм ин ки њар сол муаллим иваз

намешавад, вале тифлакон иваз мешаванд-ку. Аз ин рӯ, мисол агар барои муаллим кӯњна бошад њам, барои бачањо нав аст.

Ба њамин нутқи мураттаб ба охир намерасад. Дар фароварди дарс боз нутқи алоқанок ташкил карда мешавад, ки бо ин мақсад низ дар њар сањифаи китоби «Алифбо» мавод оварда шудааст. Масалан боз њамон афсонаи қањрамон «хар ва хурӯс»-ро гирем. Дар аввали дарс муаллим афсонаеро сар карда банд партофта буд. Бо ин кор вай дар њамаи дарсњои омӯхтани овоз ва њарфњо шарт мегузорад, ки дар яке лањзањои дарс (бењтараш аввал) афсона мегӯем, давомашро баъди ёд гирифтани њамон овоз ва њарф дар охир мешунавед. Ана њоло њам овоз ва њарфи «Х»-ро ёд гирифтанд. Акнун худи бачањо хоњиш мекунанд, ки давоми афсонаро шунаванд. Яке аз бачањо:

«Х»-ро ман ёд гирифтам,
Њам хондаму навиштам.
Ана ин «Х»-и калон,
Канӣ афсонаатон.

А.Сидқӣ

Афсона бо нафосат, оҳанг ва воситаҳои тасвир шаклҳои гуногуни усули бадей, забони пурмазмуни соддаю ширин, образҳои фаромӯшнашавандаи худ ба дили кӯдакон ба зудӣҷой мегирад. Афсонаҳое, ки кас дар синни кудакӣ мешунавад, як умр дар хотираш нақш мебанданд. Чунки дар симоиқаҳрамонҳои асосии афсона хислатҳои наҷиби одамон, сифатҳои баланди ахлоқии онҳо ифода меёбанд. Ба ифодаи дигар, афсонаҳои халқӣ тахайюли бачаҳоро инкишоф дода, доираи тасаввуроти онҳоро васеъ менамоянд.

Аксари афсонаҳо дар асоси муборизаи ду қувва – некӣ ва бадӣбунёд шудаанд. Барои ҳамин ҳам кӯдак аз панду насиҳатҳоинависандане, балки аз рафтору кирдориқаҳрамонони асар ибрат мегирад.

Ҷараёни таълим фаъолияти натанњо омӯзгор, балки фаъолияти сермањсули бачаро низ талаб мекунад. Бинобар ин хонандагон њам бояд

вазифаи таълимии дар наздашон гузошташударо њангоми омўзиш дарк намоянд. Ман чунин ақида дорам, ки яке аз ҷузњои таълим ин аз тарафи омўзгор дар шакли фањмо, дастрас, шавқовар, диққатҷалбкунанда шарњ додану фањмондани мавзўи таълимӣ ва  њангоми ташкилу гузаронидани дарс мувофиқи имкониятњои ақлию зењнии њар як кўдак иҷрои амалњоро талаб намудан аст.Бештари расмњое, ки дар сањифањои «Алифбо» оварда шудаанд, њатман мазмуни ягон афсона, достони хурдакаки шоире ё ягон воқеаи дигареро ифода мекунанд, ки аз њаёти худи бачањо гирифта шудаанд. Бинобар ин муаллим метавонад мазмуни расмро нақл карда истода, аз њамон достон ё шеър мисолњо орад. Масалан дар сањифаи 39 расми пуфак ва занбўр дода мешавад, ки аз мазмуни шеъри шоир Ѓ. Мирзо «Достак» гирифта шудааст. Муаллим мазмуни расмро нақл карда аз он шеър мисол меорад, ки њусни таровати дарс меафзояд:

Як духтар пуфак ба даст,
Дар рўи суфа менишаст.
Занбўр пуфакро газид,
Қарсикунон пуфак кафид.

Нутқи алоқанокро муаллим метавонад дар лањзаи 7 ва 6 њам ташкил намояд. Инак, пас аз хондани матнњо доир ба мазмуни онњо саволу ҷавоб гузаронида мешавад, ки худ намунаи нутқи мураттаб аст**.**

Њар тарзу воситањои донишњосилкунӣ, ки барои талабагон пешнињод карда мешавад, як мақсади муайян дорад. Истифодаи зарбулмасалу мақолњо низ мақсади муайяни худро дошта аз ҷониби омўзгорон ба таври фаровон ва гуногун истифода бурда мешавад.

## НАМУНАИ НАҚШАИ МУХТАСАРИ ДАРСЊОИ ДАВРАИ АЛИФБО

Мавзўи дарс: « Омўхтани овоз ва њарфи о»

Мақсад ва вазифаҳои дарс: 1) талаффуз ва мустаҳкам намудани овози о; 2) шинос намудани талабагон бо ҳарфи чопӣ ва дастнавис ва машқи навишти он; 3) инкишофи нутқи гуфтории талабагон.

Таҷҳизонидани дарс : « Алифбо», саҳ. 21, расмҳо оид ба ҳарфи о, алифбои бурида, шеъри А. Баҳорӣ « Ҳарфи о».

РАВИШИ ДАРС

1. Омода намудани талабагон ба дарс.

2. Сӯҳбат аз рӯи расмҳо ва аз тарафи муаллим хондани шеъри А. Баҳорӣ « Ҳарфи о»:

Ҳарфи « О»-ро медонем,
Навишта метавонем,
Даҳони « О» доим во,
Магар гушна мондаст « О»?
« О» ҳам мисли кӯдак
Будаст аҷаб гирёнчак.

3.Ҷудо намудани овози о ва ёд додани тарзи талаффузи он.

4. Мустаҳкам намудани овози о дар аввал ( ору, олу, оҳу…), мобайн (ором, озода…) ва охири калимаҳо ( Соро, Оро, Доно…).

5.Машқи дамгирӣ.

6. Нишон додани ҳарфи о.

7. Машқи панҷаҳо ва давоми машқи ҳарф

8. Ҷамъбасти мавзӯъ ва гузоштани ҳарфи « О» дар нақшаи садонокҳо.

9. Вазифаи хонагӣ. Расмҳои китобро ба падару модар нишон диҳед ва гӯед,ки дар дарс чӣ кор кардед.

**Мавзўъ: Нақшаи муфассали дарсњои давраи алифбо**

Мавзўи дарс: «Омўхтани овоз ва њарфи о»

Мақсад ва вазифањои дарс: 1) талаффуз ва мустањкам намудани овози о; 2) шинос намудани талабагон бо њарфи чопӣ ва дастнавис ва машқи навишти он; 3) инкишофи нутқи гуфтории талабагон.

Таҷњизонидани дарс: «Алифбо» сањифаи 21, расмњо оид ба њарфи о, алифбои бурида, шеъри А. Бањорӣ « Њарфи о ».

РАВИШИ ДАРС:

1. Омода намудани талабагон ба дарс: а) Ба ҷо овардани одоби мулоқот; б) аз назар гузаронидани тозагии синф; в) аз назар гузаронидани ашёи хониши хонандагон; г) њозир будани латта ва бўр;

2. Санҷиши вазифаи хонагӣ. Тартиб додани ҷумла аз рўи расмњои сањифаи 20 «Алифбо».Талабагон бо даъвати муаллим аз рўи расмњо ҷумла тартиб медињанд, аз ҷумла калимањо, аз калимањо њиҷо, аз њиҷо њарф ҷудо мекунанд, аломатњои шартии оњњоро дар тахтаи синф мекашанд.

3. Натиҷа баровардан аз вазифаи хонагӣ.

Мо аз рўи расмњо чӣ тартиб додем?Аз ҷумлањо чињоро ҷудо намудем?

4. Машқи дамгирӣ.

5. Баёни мавзўи нав: « Омўхтани овоз ва њарфи о »

6. Сўњбат аз рўи расмњои олу, оњу ва аз тарафи муаллим хондани шеъри А. Бањорӣ «Њарфи о».

Њарфи «О» - ро медонем,
Навишта метавонем.
Дањони «О» - доим во
Магар гушна мондаст.
«О» њам мисли кўдак
Будаст аҷаб гирёнчак.

7. Ҷудо намудани овози «О» ва ёд додани тарзи талаффузи он. Кор аз рўи расмњои сањифаи 21 китоби «Алифбо».

8. Мустањкам намудани овози «О» дар аввал (орд, об, одам, олам, ору, орзу…); мустањкам намудани овози «О» дар мобайн (ором, озода, нон, нок, ном, хона, хола…); мустањкам намудани овози «О» дар охири калима (Доно, Соро, Оро…).

9. Нишон додани њарфи «О» ( чопӣ ва дастнавис) ва навиштани он. Дар тахтаи синф муаллим њарфи хурди дастнависи «О»-ро 2-3 маротиба навишта мефањмонад. Хонандагон аз рўи нишондоди муаллим аввал бо ручкањо дар њаво машқ мекунанд, баъд дар дафтарњояшон менависанд. Њарфи дастнависи «О» - и калон низ њамин тавр фањмонида мешавад.

10.Машқи дамгирӣ.

11. Аз тарафи муаллим хондани шеър, чистон ва тезгўяк оид бањарфи «О».

Офтоб , офтоб эй офтоб !
Куҷо мекунӣ шитоб?
( У. Раҷаб).

Танўри тафсон, кулчаи хандон
Лаълии марҷон, чист ҷўраҷон?
Офтоб.

( У. Раҷаб).

Об омаду об омад бо қаиқ китоб омад.

( Ѓаффор Мирзо).

12. Гузоштани њарфи « О » дар нақшаи садонокњо .

13. Ҷамъбаст намудани мавзўъ: Мо бо шумоён имрўз хондан ва навиштани садоноки « О »-ро ёд гирифтем.

14.Вазифаи хонагӣ: Расмњои китобро ба падару модар нишон дињед ва гўед, ки дар дарс чӣ кор кардед.

**Мавзўъ: Нақшаи муфассали дарсњои давраи алифбо**

Мавзўи дарс: «Омўхтани овоз ва њарфи Лл»

Мақсад ва вазифањои дарс: 1) талаффуз ва мустањкам намудани овози л; 2) шинос намудани талабагон бо њарфи чопӣ ва дастнавис ва машқи навишти он; 3) инкишофи нутқи гуфтории талабагон.

Таҷњизонидани дарс: Китоби «Алифбо» сањифаи 23, расмњо оид ба њарфи л, алифбои бурида, таблитсаи њиҷо,суробњо, **шеъри** Н. Розиқ

Лола, лола, ай лола,

Булбул омад ба нола.

**Тезгўяк** аз Бобо Њоҷӣ:

Лаблаби ҷў бо лаблабу

Лаболаб шуд.

**Зарбулмасали халқӣ**

Лаззати умри одамӣ фарзанд аст.

РАВИШИ ДАРС:

1. Омода намудани талабагон ба дарс.
2. Санҷиши вазифаи хонагӣ.

(Ду талаба дар назди тахтаи синф, дигарњо дар ҷояшон).

| **Талабаи 1** | **Талабаи 2** |
|---|---|
| Аз рўи намуна дар тахтаи синф навиштани њарфи хурди «а» | Аз рўи намуна дар тахтаи синф навиштани њарфи калони «А» |

Аз алифбои бурида нишон додани њарфи чопии Оо ва Аа

3. Натиҷа баровардан аз вазифаи хонагӣ.

Хондани шеъри М. Миршакар, чистон, тезгўяк ва зарбулмасал оид ба њарфи «А».

**Шеър**

Ањмад Алифбо дорад,

Алифборо мехонад.

**Чистон**

Мўмиёи зарди ман,

Доруи сад дарди ман.

**Тезгўяк** аз ЃаффорМирзо:

Алвончак дар таги бед,

Чӯби алвончак сафед.

**Зарбулмасали халқӣ**

Ангура хуру боғаша напурс.

Аз онњо ҷудо намудани њарфи «а» дар аввал, мобайн ва охир.

4. Машқи дамгирӣ.

5. Баёни мавзӯи нав: « Омӯхтани овоз ва њарфи Лл »

а) Сӯњбат аз рӯи расмњои лола, лона, лӯхтак ва аз тарафи муаллим хондани шеър.

б) Ҷудо намудани овози «Л» ва ёд додани тарзи талаффузи он. Кор аз рӯи расмњои сањифаи 23 китоби «Алифбо».

7. Мустањкам намудани овози «Л» дар аввал (лола, лона, лӯхтак, …);

- мустањкам намудани овози «Л» дар мобайн (мола, хола, халифа, …);

- мустањкам намудани овози «Л» дар охири калима(хол, гул, сол, шол…).

8. Нишон додани њарфи «Л» (чопӣ ва дастнавис) ва навиштани он.

Дар тахтаи синф муаллим њарфи хурди дастнависи «л»-ро 2-3 маротиба навишта мефањмонад. Хонандагон аз рӯи нишондоди муаллим аввал бо ручкањо дар њаво машқ мекунанд, баъд дар дафтарњояшон менависанд. Њарфи дастнависи «л» - и калон низ њамин тавр фањмонида мешавад.

9. Танаффус.

10. Тафтиши нишасти хонандагон ва тайёр намудани онњо ба дарс.

11. Интихоби калимањое, ки бо њарфи «Л» сар мешаванд: (Лола, Лӯбат, Лаззат,Лазиза…)

12. Нишон додани њарфи «Л» аз Алифбои бурида ва гузоштани он дар нақшаи садонокњо.

13. Машқи дамгирӣ.

14. Аз рӯи нишондоди муаллим машқ намудани њарфи калони дастнависи «Л»

15. Аз тарафи муаллим хондани шеър, чистон ва тезгўяк оид ба њарфи «Л».

**Шеър:**

Лола, лола, ай лола,

Булбул омад ба нола.

**Тезгўяк:** Лаблаби чў бо лаблабу лаболаб шуд.

(Бобо Њочӣ)

**Зарбулмасали халқӣ:**

Лаззати умри одамӣ фарзанд аст.

16. Кор бо таблитсаи њиҷоњо .

17. Ҷамъбаст намудани дарс: Мо бо шумоён имрўз хондан ва навиштани њарфи «Л»-ро ёд гирифтем.

18. Вазифаи хонагӣ: Расмњои китобро ба падару модар нишон дињед ва гўед, ки дар дарс чӣ кор кардед.

## §2.3. Озмоиши педагогӣ

Озмоиши педагогӣ бо талабагони синфњои ибтидоии гимназияи таҳсилоти ибтидоӣ №53-и ноњияи Исмоили Сомонии шањри Душанбе гузаронида шуд.

Пеш аз гузаронидани озмоиши педагогӣ синфњои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шуда буданд. Дар муддати ду сол дар синфњои озмоишӣ мувофиқи маводњои мавзўи «Таълими савод ва нақши он дар инкишофи нутқи талабагони синфи 1» иншо шуда машѓулиятњои амалӣ гузаронида шуда буд.

Мақсади асосии озмоиши мо аз инҳо иборат буд:

- муайян намудани маҳорати фарқ карда тавонистани овоз ва њарф, аз ҷониби талабагон;

- муайян намудани дараҷаи фаҳмиши мазмун **ва** сохти бадеии асарҳои бадеӣ дар талабагон;

- муайян намудани мавзӯъ ва идеяи асосии асарҳои бадеӣ аз ҷониби талабагон;

- муайян намудани дараҷаи инкишофи нутқи талабагон.

Озмоиши педагогӣ нишон дод, он синфњое, ки бо маводњои пешнињод кардаи мо шинос шудаанд, фикронашон, муњокимаронии онњо, кунҷковиашон назар ба талабагони синфњои назоратӣ ба қадри намоён баланд аст ва онҳо ба пешравиҳо ноил шуданд, ки инро таҳлили миқдорӣ ва ҳам сифатии ҷавобҳои онҳо маълум месохт.

Талабагони синфњои озмоишӣ бо мутолиаи адабиётњои иловагӣ ва илмӣ-оммавӣ шавқу њавас зоњир менамоянд. Дар онњо шавқу њаваси бозӣ ва намудњои он, кор бо гурўњњо,истифода аз тасвир ва расмњо, санҷиши њодисањо ва шарњи њодисањои табиат ва њоказоњо аз фанни забони модарӣ пайдо гардидааст.

Озмоиши педагогӣ исбот намуд, ки барои бомувоффақият таълим додани фанни забони модарӣ тайёрии пешакии мактаббачагони хурдсол нақши калон мебозад.

Озмоиши педагогӣ самаранокии системаи корњои пешаки кардаи моро нишон медињад. Дар мактаб мо хониши бадеӣ, расмкашӣ, ба саволњо ҷавоб додан аз рўи расм ва њоказоњоро ташкил кардем. Хонандагон аз болои афсонањо сањначањо иҷро мекунанд. Муаллимон кўшиш мекунанд талабагонро дар рўњияи ватандўстиву ватанпарварӣ, китобхониву китобдўстӣ, зебоипарастӣ тарбия намоянд.

Таносуби дараҷаи инкишофи нутқи талабагон дар озмоиши таълимӣ дармуқоисабо нишондодҳои давраи озмоишӣ- муқарраркунӣ, бартарии комёбии раванди озмоиши таълимиро тасдиқ намуданд.

Гуфтаҳои боло ба мо имконият медиҳад, ки ғояҳои зеринро пешниҳод намоем:

- Тарбияи шавқу ҳавас дар мактаббачагони хурдсолроба омӯзиши забони модарӣ аз таҳсилоти томактабӣ оғоз намудан зарур аст.
- Дар дарсҳои саводомӯзӣроҳу усулҳои инкишофи нутқи талабагонро пайдо намудан лозим аст.
- Истифодаи бозиҳои таълимӣ, машқҳои дамгирӣ, нақшофарӣ дар дарсҳои саводомӯзӣ, бо мақсади васеъ кардани дониши мактаббачагони хурдсол ташкил карда шавад.
- Дарсҳои саводомӯзӣ бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад.

## ХУЛОСА

Он ҳамаи фикру ақидаҳои дар боло гуфташуда моро ба чунин хулоса меорад, ки вазифаҳои тарбия ва таълими талабагон, аз ҷумла инкишофи нутқи  талабагон, бояд дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои омӯзиши забони модарӣ, талаботи иҷтимоию фарҳангӣ ва миллии ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва қонуниятҳои инкишофи шахсияти онҳо муайян карда шаванд.

Образнокӣ ва ифоданокии сухани талабагон дар нутқи онҳо зоҳир мегардад. Кӯдакон нутқи ифоданоку пурмазмунро дар натиҷаи шунидан ва нақл кардан ёд мегиранд. Бинобар ин, вобаста ба синну солиталабагон дуруст интихоб намудани маводи омӯзиш воситаи асосии инкишофи нутқи онҳо донистамешавад.

Мақсади таълимию тарбиявии мутассилии инкишофи нутқ, муошират, саводомӯзӣ дар синфњои ибтидоӣ шинос намудан бо ашёву њодисањои табиату иҷтимоиёт, тарбия намудани сифатњои ахлоқӣ, ба монанди ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, некандешӣ, тањаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, эњтироми рамзњои миллию давлатӣ, инсонгароӣ, одобу рафтори хамида, маданияту рафтори экологӣ, рушди зењнию ақлӣ, зебоишиносию зебоипарастӣ ва ѓайрањо мебошанд.

Инкишоф додани нутқи хонандагон аз проблемањои муњими давр аст. Дар њар як дарс, вобаста ба мавзӯи таълими забони модарӣ ба маврид истифода бурдани муносибати тафриқавӣ ё гурӯҳӣ боиси самарабахшии таълим гашта, барои инкишофи нутқи хонандагон заминањои мусоид фароњам меоварад.

Маълум аст, ки њар як намуди омўзиш вобаста ба мазмун ва мундариҷааш ба ташкил кардани шароити муфид барои инкишофи њамаҷонибаи шахсият равона карда шудааст. Аммо фаромўш набояд кард, ки шахсият ин ҷавњари равонӣ ва маънавии одам буда, њамчун системаи сифатњои ҷамъбастии гуногун баромад мекунад. Мањз принсипи ҷараёни дурусти таълим имкониятњои хубро барои инкишофи шахсияти хонанда ба миён меорад ва мазмуну мақсади маълумоти миёнаи умумиро тасдиқ менамояд.

Мушоҳида нишон медиҳад, ки кори педагогии омӯзгор, ки ба инкишофи нутқ равона карда шудааст, ба вусъат ёфтани тасаввуроти хонандагон дар бораи муњити атроф, инчунин ба хеле бой шудани луғат ва инкишофи нутқи гуфторӣ ва навишторӣ мусоидат менамояд. Кор бо китоб, бо матн, бо матбуот нутқи мадании хонандагонро инкишоф дода, шавқи китобхониро тарбия менамояд ва ба пайдо кардани малакаи хониши дурусту бошуурона кӯмак мерасонад.Инкишофи нутқи дањонӣ њангоми кўдакӣ яке аз равандњои асосии инкишофи инсон ба њисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва бењтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи њаёт мањсуб меёбад. Танњо шахси нутқаш инкишофёфта фикрро пурмазмун, пайдарњам ва равшану аниқ ифода намуда, симои маданию маънавии худро дар назди дигарон зоњир менамояд.

Дар асоси таҳлилу омӯзиши тадқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Мақсади тадқиқоти ман тавассути давраи таълими савод нутқи талабагонро инкишоф додан мебошад.

2. Дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия яке аз омилҳои муътадил гардонидани кор дар мактабҳо аст.

3. Маводи озмоишӣ оид ба инкишофи нутқи талабагон дар давраи таълими савод моро ба чунин хулоса овард, ки истифодаи дурути вақт ва матнњои бадеӣ ва хусусиятҳои луғавии забони модарӣ барои бой намудани забони модарии талабагон замина мегузорад.

4.Муваффақияти чараёни кори таълиму тарбия аз маҳсули кори омўзгор вобастагӣ дорад. Донистани забони модарӣ, ташкили дурусти машғулиятҳои таълимӣ, муносибати дуруст ба талабагон - шартҳои асосии инкишофи нутқи талабагон ба ҳисоб рафта, онҳо бояд дар бораи ҳамаи ин дониши мукаммал дошта бошад.

5. Ҳамин тариқ инкишофи ҳаматарафаи нутқи талабагон ба омилҳои зерин марбутанд:

- Нутқи шифоҳии талабагон дар давраи таълими савод њарқадар инкишоф ёфта бошад, ҳамон андоза шахсияташ ташаккул ёфта, таълими ӯ дар синфҳои ибтидоӣ бомуваффақият идома меёбад;

-Омӯзиши афсонањо, шеъру чистонњо, зарбулмасалу мақолњо, тезгўякњо ба талабагон имконият медињад, ки олами гирду атрофро бештару амиқтар дарк мекунад ва маданияти инсониашро тақвият мебахшад.

**Фехристи адабиёт:**


1. Абдуллоев И., Абдуллоев З., Боронов Б., Дорѓабеков З. Забони модарӣ, синфи 3. -Душанбе:Собириён, 2012.-210с.
2. Абдуллоев И. Зарурати таълими њамгирои забони модарӣ дар синфњои ибтидоӣ. Дастури илмию методӣ «Илми педагогика - пояи устувори мактабу маориф» . -Душанбе:2004.-75с.
3. Байзоев А, Машокирова Г., Зубайдова Ҷ., Ањмадбекова А., Ҷ.Абдуллоев; Забони модарӣ, синфи 1. -Душанбе: Сомониён, 2012.-168с.
4. Барномаи синфњои ибтидоӣ. – Душанбе: 2012.125с.
5. Горький А. М. О литературе. Москва, 1953. 345с.
6. Ѓаффоров А., Аминов С., Назриев И. Барномаи забони тоҷикӣ барои шуъбаи педагогика, психология ва олигофренопедагогика. – Душанбе: 2003. 15с.
7. Давлатова Р. Материалњои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ дар синфњои 1, 2, 3. -Душанбе: Маориф, 1974, 1976, 1979.-63с.
8. Зарбулмасал ва мақолњои тоҷикӣ. Тартибдињандагон Писарчик А., Тоҷиддинов С., Њомидҷонова. М. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод 1960.
9. Икромова Ф., Галенкина К. Т.Дарсњои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи 1. -Душанбе: Маориф,1971.45с.
10. Икромова Ф., Довудов Р. Материалњои дидактикӣ оид ба таълими савод. -Душанбе: Маориф, 1986.-38с.

11.Икромова Ф. Бой намудани захираи луғати талабагони синфи як дар дарсњои хониш. Маҷмўаи илмӣ, ҷилди 79. ИПДД ба номи Т.Г.Шевченко,- Д: 1971, с. 37-48.

12.Икромова Ф. Баъзе навъњои кори мустақилона дар дарсњои хониши синфњои 1-4. Роњњои баланд бардоштани самаранокии таълим дар синфњои ибтидоӣ (дастури методӣ). Вазорати маорифи Ҷумњурии Тоҷикистон. ИПДД ба номи Т.Г.Шевченко -Д:1976.сањ, 43-51.

13.Икромова Ф. Алоқаи кори луғавӣ бо инкишофи нутқи хонандагон. (Дастури методӣ барои муаллимон). Вазорати маорифи Ҷумњурии Тоҷикистон, ИПДД ба номи Т.Г.Шевченко, - Д:1978, сањ. 67-80.

14.Икромова Ф. Нишондодњои методӣ оид ба инкишофи нутқи алоқаноки дањонии талабагони синфи якум дар дарсњои хониш. (Дастури методӣ барои муаллимон ва донишҷўён). Вазорати маорифи Ҷумњурии Тоҷикистон ИТИИП Тоҷикистон. - Д:1981.

15.Қонуни Ҷумњурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». -Душанбе: 2004.- 40с.

16.Қонуни Ҷумњурии Тоҷикистон «Дар бораи забон». -Душанбе: 1989.- 15с.

17.Лутфуллоев М, Таълими алифбо. Душанбе: 1967.-120с.

18.Лутфуллоев М. Дастурамал оид ба таълими «Субњи дониш». Душанбе: «Маориф», 1983.-63с.

19.Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфњои ибтидоӣ. Душанбе: Маориф, 1985.-375с.

20.Лутфуллоев М. Дарс. Душанбе: Маориф, 1995.-213с.

21.Лутфуллоев М. Забони модарӣ дар синфи 1. Душанбе: «Ирфон» 1971.

22.Лутфуллоев М. Абдуллоев И. Нақшаи тақвимии дарсњои забони модарӣ. Душанбе: 2000. 45с.

23.Лутфуллоев М. Асосњои таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе: Собириён, 2007.-463с.

24.Лутфуллоев М. Табассуми муаллим . Душанбе: 2005.-43с.

25. Лутфуллоев М.,Шарипов Ф., Абдуллоев И. Алифбо. Душанбе: Сомониён, 2012.91с.
26. Редозубов С.П. Методика русского языка в начальной школе - Москва, Учпедгиз, 1955.-478с.
27. Стандарти давлатии тањсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4).- Душанбе: 2009.-150с.
28. Сухомлинский В.А. О воспитании. - Москва: Просвещение, 1985.-438с.
29. Сухомлинский В.А. Избранные педагогические сочинения, т.3. - Москва: Педагогика, 1981. -378с.
30. Текучев.А.В. Методика русского языка в средней школе, –Москва, «Просвещение» 1965.-434с.
31. УшинскийК.Д. Избранныепедгогическиесочинения. - Москва,1954.-Т.2.-468с.
32. Ушинский К.Д. Избранные педгогические сочинения. - М.,1954.-Т.2.
33. Рамзаева Т.Г., Львов М.Р. Методика обучения русскому языку в начальных классах. –М., «Просвещение» 1979.
34. Редозубов С.П. Методика русского языка в начальной школе - М., Учпедгиз, 1955.478с.